


# Дурр аз дарё



Т. Г. ШЕВЧЕНКО

# Дурр аз дарё

ШЕЪРҲО
ДОСТОНҲО

НАШРИЁТИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН
Душанбе 1964

Ш 47

Қобзари безаволи украин Тарас Григорьевич Шевченко дар эҷодиёти худ ҳаёти пурмашаққати батракону деҳқонон ва асосан қисмати носозгори занону духтарони замонаи ситамгарро тасвир кардааст. Ин маҷмӯа дурре аз дарьёи осори таъсирбахши адиби бузург буда, дар пеши назари хонанда симои ватанпарасти баркамоли пурҷӯшу хурӯшро меоварад.

Ин китоб ба муносибати 150-солагии рӯзи таваллуди шоир интишор мегардад.

Рассом *К. Туренко*

Державний музей Т.Г. Шевченка БІБЛІОТЕКА ІНВ. № 13319


Шеърҳо

## ВАСИЯТ

Вақте ки ман мурдам, шумо
Гӯрам кунед, эй дӯстон,
Дар байни саҳрои васеи —
Украини меҳрубон.
То киштзорони калон,
То ин Днепри кап-кабуд
Бошанд дар чашмам аён;
То ин ки шав-шуви Днепр
Ояд ба гӯшам ҳар замон.
Гӯрам кунед, исьён кунед,
Занҷирҳоро барканед,
Дар роҳи озодии худ
Резед хуни душманон!
Пас, дар ҳаёти хурраму
Даврони озодонатон,
Дар хонадони аъзами
Хушбахту пирӯзи ҷаҳон
Ёдоварӣ аз ман кунед
Бо лафзи ширин, дӯстон!

## САРНАВИШТИ МО

Вақти ғуруби хуршед, рӯз омада ба охир,
Паррандаҳо паридаанд, хомӯш дашту саҳро.
Мардум ба шодмонӣ,— ҳангоми истироҳат,
Чашмам ба сӯи онҳо, майли дилам дигар ҷо:
Бар сӯи боғи торик дар хоки Украина,
Торик гашт яксар домони кӯҳу саҳро,
Истораҳо бароянд дар осмони зебо.
Эй кавкаби дурахшон, резондаи ту ашкам!
Оё қадам ниҳодӣ бар Украинаи мо?
Оё туро биҷӯянд чашмони шӯхи шаҳло,
Карданд ё фаромӯш онҳо туро дар ин ҷо?
Карданд агар фаромӯш, бигзор, пас бихобанд.
То ки дигар набинанд ин сарнавишти моро!

## ХАЙР, ЭЙ ҚУСАРАЛ

Бодбон шуд кушодаю боло,
Ҷаста аз рӯи мавҷҳои кабуд,
Аз қамишзорҳои Сирдарьё
Баргузаштанд бо қайиқчаи худ.
Хайр, эй Қӯсарал — ғарибдиёр,
Солҳо ту ба ман шудӣ сирдон,
Аз ғами лаънатӣ шудам афгор.
Раҳмат, эй дӯст! Меравам, хуш мон!
Бин, ки мардум шуд аз ту ҳам воқиф,

---

[1] Т. Г. Шевченко дар соли 1847 аз тарафи ҳукумати подшоҳӣ ба Қӯсарал ном ҷои Қазоқистон бадарға карда мешавад. Вай дар рӯзҳои бадарғагиаш дар биёбонҳои Осиёи Миёна бисьёр шеърҳои пурсӯзу гудоз менависад. Яке аз онҳо шеъри дар боло дарҷшуда мебошад, ки ҳангоми аз Қӯсарал ба ҷои дигар фиристода шуданаш навиштааст.

Ҳим-чиҳо мекунад ба ҳаққи ту ҳам,
Ман ба таҳқири ту наомадаам.
Меравам худ ба мулкҳои дигар.
Ҳасрати кӯҳнаам ҳамеша ба ёд.

*Қӯсарал, с. 1894.*

# БА МАРЬЯНИ НАВРАС

Ба воя рас, чӯҷаяки тозаи ман,
Ба воя рас, эй гулаки лолаи ман,
Дар дилакат то нанишаста бори ғам,
Дар чаманат то нарасида хори ғам.
То ки дилат шикаста нест, эй гули ман,
Нашъунамо ёб шукуфта дар чаман.
Оҳ, агар чашми баде туро расад,
Сарфи назар зи хурдиат, бало расад.
Ё бикананд ин пару боли нозанин,—
Гирья кунад чашми кабуди дилнишин.
Қай шавад ин латофату шаҳди забон
Пардаи чашми гушнаи шумнафасон;
Содадилии духтарӣ, духтари ҷон,
Бар ту амон набахшад аз бадназарон.
Сангдиле баднигаҳ, эй ганҷи равон,
Дуздаду роҳатат кунад, нест гумон,
Зинда ба дӯзах афканад дасти ҷафо,
Ҳам бифиристӣ лаънате сӯи худо.

Беҳтараш ин, ки, наврасам, ғунча бимон,
Нашъунамо наёфта гард хазон,
То ки ҳанӯз дар дилат нест алам,
Нест зи дасти чоҳилон доғи ситам.

## МАН ҲАМ ДАР КИШВАРИ БЕГОНА РАСИДАМ

Ҳам ба мулки ғайр гардидам калон,
Ҳам ба ғурбат мешавам пир ин замон.
Ҳамчу дар саҳро бимонда, яккаам,
Ҳам аз он рӯ доимо фикри маро
Мекунад мафтун диёри мӯҳташам,
Ҳам Днепри кап-кабуди софи мо.
Лек мебинам худи ман ин, ки рост:
Хуш фақат он ҷо, ки вай холӣ зи мост.
Як ҳавои ногуворy пурмалол
Як замон овард, дар як тирасол,
Ин тараф, бар мулки Украйна маро,
Боз бар он беҳтарини деҳаҳо,
Ки дар он ҷо модари ман як замон,
Карда парпечам, нахуфта,— кофта
Як пули пучро ба меҳнат ёфта,
Бар ибодатхона бурдастам давон;
Шамъ мегиронду тоат менамуд,
То бидорад қисмати неку азиз —

Баччаи ӯро... хушо, модар, ки худ
Растанӣ дар хоб пеш аз вақт тез:
Варна мекардӣ ту лаънат борҳо
Аз барои қисматам оллоҳро...
Ғуссаю кулфат чӣ сон гашта фузун
Дар ҳамон қишлоқи нағзи мо кунун!
Ҳар кучо хоки заминҳо сип-сиёҳ
Ки дар он овора мардум беумед,
Гашта сирак боғҳои дилкушо,
Таҳнишаста кулбаҳои сап-сафед.
Пур зи бегона алафҳо ҳавзҳо;
Деҳа монда гӯиё дар сӯхтор,
Деҳа монда гӯӣ аз одам канор,—
Дар сукутанду ба барщина раванд,
Аз паи худ кӯдакони худ баранд.

Ман намуда гирья, гаштам бар қафо.
Рӯ ниҳодам боз бар ғурбатсаро.
Ҳам на танҳо ин ба деҳи модарӣ,
Дар ҳама Украйни шӯҳратдорамон.
Ҳилагар панҳои бад бо худсарӣ
Монда дар зери асорат мардумон.
Дода тазйиқи гарон бар пуштҳо —
Зодагони рицарони ҳурро;

Зистан-мурдан на дар фармонашон.
Лек он манфур панҳо ҳозиранд.
То аз онҳо бурда то шалворашон
Бар шарики худ, ба судхӯрон диҳанд.

Оҳ, мушкил, ки ниҳон дида ҷафо
Дар ҳамин саҳро зи олам гум шуданд.
Лек бадтар з-он ба Украйна нигоҳ,—
Сохтан,— гирьён шудан, сокит буданд.
Гар набинӣ ин уқубатҳо, ба ту
Менамояд мисли ҷаннат чор сӯ.
Менамояд бахтнок ин мулки ман.
Ҳой, Днепри пир тобон дар туман.
Чун ба фарзандат табассум карда он,
Нозанин мешуд, тамошо менамуд —
Бо ҳавас сар то сар Украинамон,
Раста бар он боғҳои кап-кабуд,
Деҳаҳои тоза-тоза менамуд.
Ҷумлагӣ ин деҳаҳои хуррамaнд,
Мардумони шоду озод аз ғаманд...
Эҳтимол, ин гуна ҳам мегашта буд.
Гар намемонд аз ҳамин панҳо асар
Дар тамоми хоки Украйна дигар.

## САВСАН

„Барои чӣ дар вақти рӯиданам
Зи мардум муҳаббат надидам ба худ?
Ба ҳангоми сабзида гул карданам
Маро аз чӣ нобуд карданд зуд?
Барои чӣ ҳоло маро онҳо
Намоянд табрик дар қасрҳо?
Бичӯшад ба гулҳои ман чашмашон,
Ки бонуи онон манам гӯиё?
Ба ҳайрат газида сарангушти хеш
Надонанд ҷои ниҳодан маро?
Чӣ сир ин? Гули шоҳӣ, эй додарак!
— «Намедонам инро, аё хоҳарак».
Гули шоҳӣ он гаҳ гулобӣ-чило
Сарашро сӯи савсани рухсафед,
Ки будӣ хамида, бигардонд зуд,
Басе ашки савсан чу жола давид...
Ба гирья бигуфт:
«Додарак! Мою ту

Зи кайҳо муҳиббем бо ҳамдигар,
Ва лекин ангуфтам ба ту ин ки ман
Чӣ сон будам одам? Чӣ омад ба сар?
Бидидам чӣ сон ранҷҳою азоб?
Ба гирдоби кулфат шуда ғӯтавар...
Ҳамон модари ман, надонам, зи чӣ
Ҳамеша ғамин буду пурғусса буд?
Ба ман, бар мани тифл карда нигоҳ
Надонам чаро гирьяҳо менамуд?
Надонам, аё додаракҷони ман!
Бадии кӣ бар вай сабаб буд ба ғам!
Чу ман тифл будам дар он вақтҳо,
Ба бозии худ шодмон мешудам.
Вале чун пани золими мо агар
Намоён шавад, модари ман варо
Дуои баду лаънаташ менамуд,
Бимурд модар, охир... ба он ғуссаҳо!
Маро тарбиятгар ба қасри сафед
Бигардид пан то калон гаштанам.
Ва лекин надонистам инро, ки ман
Ба вай баччаи ғайриқонуниям.
Маро пан бимонду ба ҷоҳои дур
Бирафт. Халқ лаънат ба вай хонданд;
Басе карда изҳори қаҳру ғазаб,

Ҳама мулки ӯро бисӯзонданд...
Надонам барои чӣ онҳо маро
Накуштанду бигзоштанд он замон,
Фақат мӯйҳои дарози маро
Бурида намуданд ба сабза ниҳон,
Заданд ханда бо замми ин корашон.[1]
Ана, додаракҷони ман, бишнавӣ:
Чунин рӯзҳо бигзарондам зи сар;
Ба ин навҷавон камтарак зиндагӣ
Надоданд халқи замон, мухтасар —
Бимурдам ману дар зимистон басе
Шудам зери деворҳо нопадид,
Вале гул намудам ман андар баҳор.
Кушодам гули барф-осо сафед,
Зи ман бещача хуррамиҳо бидид.
Маро одамон дар зимистон... аҷаб...
Худоё... намонданд ба даҳлезашон,
Вале дар баҳорон чун мӯъҷиза
Ба ман дар тамошост чашмонашон.
Ба гулҳои ман инчунин зулфи хеш
Биёростанд духтаракҳо ҳама,
Бигуфтанд онон маро: «Савсанак».

---

[1] Яъне ба гумони он, ки духтарак маъшуқаи ман аст, бо вай муомилаи бад кардаанд.

Гули ман кушодан гирифт якдама.
Ба гулхонаҳо, низ дар бешаҳо,
Чунин низ дар кӯшкҳои сафед.
Гули шоҳӣ, эй додарак, гӯ: чаро
Худо гул намуда, маро офарид?
Паи ин, ки хурсанд созам дили —
Ҳамон одамонро, ки куштанд маро
Ва ҳам модарамро?.. Аё кирдигор,
Худои муқаддас, тараҳҳум намо!»
Пас, он гоҳ савсан бикард гирьяҳо.
Гули шоҳӣ он дам гулобӣ-ҷило —
Сарашро сӯи савсани рухсафед,
Ки буд ӯ хамида, ба бечорагӣ,
Бигардонд, то ин суханҳо шунид.

## БА КУҶО, ОДАМОНИ ХУБ, ШУМО?

Дод, эй дод, ин, ки ман танҳо,
Мисли зоғе, ба домани саҳро,
Бахту қисмат маро надод оллоҳ,
Чашми шаҳло фақат бидод худо.
Низ онҳо ба гирья афтоданд,
Баҳри бечора духтари танҳо,
Хоҳару додарам надонистам.
Ман калон гашта байни дигарҳо,
Ман калон гаштаму набастам ишқ,
Дар куҷо шавҳари ман аст, куҷо?
Ба куҷо, одамони хуб, шумо?
Нестанд онҳо... Манам танҳо.
Шавҳари дӯст аз барои ман
Дигар акнун намешавад пайдо.

## ЗИНДАГӢ КАРДАН БА МАН ОМАД ГАРОН

Руста дар раҳ бас алафҳо хордор,
Он тараф афтода ӯ аз ман канор.
Эҳтимол аст ин, ки як-умрӣ варо
Тарк карда бошаму гардам фано.
Эҳтимол аст ин, ки ман бори дигар
Сӯи хона барнагардам, алҳазар!
Ин чӣ ҳол аст, эй худои меҳрубон,
Зиндагӣ кардан ба ман омад гарон.
Нест кас, то шарҳи аҳволе кунам,
Ин дили пургаштаро холӣ кунам.
Ту ба ман толеъ надодӣ, эй худо!
Қисмату бахти ҷавон набвад маро,
Ҳеҷ гаҳ бар ман надодӣ дар ҷаҳон,
Ҳайф донистӣ ба ман қалби ҷавон.
Ҳайф бигзаштанд бас рӯзу шабон,
Беҳушию хуррамиҳои ҷавон!
Худ ба худ рафтанд пушти ҳамдигар
Рӯзҳо, шабҳо дар ин мулки дигар...

Қас намеёбам, ки ман дар назди ӯ
Аз азоби дил намоям гуфтугӯ;
Нест, то холӣ кунам дил, ҳеҷ кас.
Баҳри гап гуфтан надорам мӯнисе.
Ҳоли ман душвор бошад, эй худо,
Доимо бо ман бувад ин фикрҳо.
Нест ин ҷо ҳамдами фарьёдрас,
Нест, то холӣ кунам дил, ҳеҷ кас.
Рӯҳи оҷиз то шавад хуррам зи ман,
Назди ӯ гӯям муқаддас ин сухан.
Низ аз баҳри маломат карданам
Нест ин ҷо одами бадкина ҳам.
Марг, мурдан!.. Эй худованд, алҳазар!
Лоақал андозам он сӯ як назар.
Сӯи халқи қатлгашта бингарам,
Пеши дида Украина оварам.

## ЭЙ АЗИЗАМ, ДӮСТАМ

Нек донед, эй азизам, дӯстам,
Нест ҳайф оё ҷавон ин қисматам:
Мешавам гоҳе чунин андӯҳгин,
Резад ашк аз дида бо оҳи ҳазин.
Гардад афзун чун дар ин рӯзи сиёҳ,
Баччаи хурде бибинам дар деҳа.
Гӯиё аз шохаҳо гашта ҷудо,
Зери деворе ба сад оҳу наво.
Шишта танҳо худ ба худ бехонумон,
Бепаноҳе бар сари роҳи калон.
Ман чунин дорам гумон ин, ки: Манам,
Ин ҷавонии пур аз дарду ғамам.
Менамояд инчунин дар чашми ман,
Қ-ин набинад ҳеҷ озодӣ чу ман.
Хушку холию абас, зору ҳазин,
Бигзарад даври ҷавонӣ ҳам чунин.
Вай куҷо донад, ки монад дар куҷо,
Андарин даҳри фарохе хешро.

Бо чунин ҳоле ба хизмат меравад,
Баҳри хизмат пур зи ҳасрат меравад.
То нагирьяд ӯ зи ғам як вақтҳо,
То шавад охир зи андӯҳаш раҳо,
Ҷой то пайдо кунад, гардида шод,
Баҳри сарбозӣ варо хоҳанд дод.

Дами сулҳ аскарони навгирифта,
Паи ҳам мешуданд берун зи деҳа.
Вале як духтарак ҳам аз миёна,
Зи дунболи ҷавонон шуд равона,
Паси духтар равон шуд модари пир,
Намояд то ки дар саҳрош дастгир.
Ба духтар даррасиду боз-овард,
Басе хорӣ бидоду таънаҳо кард.
Ба зери хоки гӯраш карда, охир,
Худ аз баҳри гадоӣ рафт кампир.

* * *

Агарчанде ки бигзашт соли бисьёр,
Нашуд дар деҳ дигаргунӣ падидор,
Фақат дар гӯшаи қишлоқ як сӯ,
Зада ҳам кулбаи холӣ ба паҳлӯ.
Билангад солдате бо пои чӯбин,

Ба назди кулбаи холии дерин.
Ду чашмашро сӯи боғча кушояд,
Назар бар кулбаи холӣ намояд.
Умеди роягон аст ин, бародар,
На модар мондааст он ҷо, на духтар.
Сияҳабрӯ дигар аз кулбаи хеш
Наяндозад назар бар ҳоли дилреш.
Паи авқоти шаб ҳам пирамодар
Намехонад[1] ба кулба бори дигар,
Вале як вақтҳо... Як вақт, кайҳо.
Дар ин ҷо бофта мешуд рӯймолҳо.
Зи абрешим ба рӯмолҳои нақшин,
Чӣ хуш гулдӯзӣ мекарданд дар ин.
Чунин фикру хаёле дошт солдат,
Гузорад умр бо завқу муҳаббат.
Бигӯяд ҳамчунин мадҳи худоро,
Ва лекин ҳодиса пайдо шуд ин ҷо...
Ба дунъё ҳеҷ як шахсе надорад,
Ки дар ин ҳол бар вай такья орад.

* * *

Дар он ҷо менишинад марди солдат,
Ба назди кулбаи холӣ ба ҳайрат.

---

[1] Ба маънои ҷеғ намезанад.

Варо дар саҳни ин ҳавлии ғурбат,
Фаро мегирад аз ҳар сӯй зулмат,
Ба берун аз лаби тиреза ҷуғзе,
Назар меафканад мисли ачузе.

## БА ГОГОЛЬ

Хаёли ман гаҳе парвоз дорад,
Гаҳе дилро фишорад, пора созад.
Чунон фарьёде беовоз дорад,
Ки ҳатто нарм санги хора созад.

Худоро нест парвои дили ман,
Ба назди кӣ барам ашъори худро?
Кӣ медонад кунун қадри суханро?
Куҷо ёбам, куҷо ғамхори худро?

Ҳама кӯру кару безавқ гашта,
Қасе дил дошт, дар зиндон нишаста..,
Ту меҳандӣ, вале ман нола дорам,
Азизи ман, уқоби болбаста.

Чӣ мерӯяд зи оби дидаи ман?
Зи оби дида танҳо шӯразор аст!..

Намеоянд садо аз тӯпи даврон,
Чу мурда зиндагӣ дар як қарор аст.

Намебинам дигар ман одамеро,
Ки баҳри кишвари худ ҷон супорад,
Намебинам дигар як модареро,
Ки тифли ӯ ба мардӣ по гузорад!

Ба хуни дил калон бинмуда фарзанд,
Ба шаҳ бахшанд он гаҳ бенаворо,
Ки «ин моли ғуломони шумо аст,
Пазироед моли беваҳоро...»

Ба шаҳ бахшанд, бар даргоҳи олӣ,
Ба тозиҳои одамхори Олмон...
Чӣ чора?
Мон, ки бинмоянд пора!
Ман аз ин гоҳ гирьён, гоҳ хандон.

* * *

Баргузашт умри шабобу нахлҳои орзӯ
Бар замин афканд акнун баргу бори хешро
Шишта танҳо фасли дай, дар кулбаи сарду хунук,
Ёд меорӣ ба ҳасрат навбаҳори хешро.

Нест шахсе, ки дар ин ҳолат шавад ҳамрози ту,
Нест дасте, ки зи шафқат сӯи ту гардад дароз.
Мешинӣ танҳо ба уммеду вале уммед ҳам
Фанд бинмояд туро бо нақшаи дуру дароз.

Чашм гардад хира, нирӯят равад аз ҷону тан,
Шин ту дар бурҷеву тоқат кун, ба ин сон гирудор.
Гар чу барфе об гардад орзуҳои дилат,
Пас нагардад навбаҳори ту, машав уммедвор.

* * *

Аз баҳри чӣ ошуфтаяму ғамгинам,
Аз баҳри чӣ ояд дили зорам ба фиғон.
Ин нола барои кӯдакон! — Бош хамӯш,
Эй дил, ту дар ин бора фурӯ банд забон!

Баргӯй, ки аз баҳри чӣ садпора шудӣ,
Аз сӯзиши одамӣ ва ё аз ғами нон?!
Як-умр шав орому хамӯшӣ омӯз,
Ҳаргиз нанамоӣ гила аз бехирадон!

* * *

Рӯзҳо бигзаранду шабҳо ҳам,
Бигзарад низ фасли тобистон,
Мезанад барги зард ҳам хиширос,
Фикр хомӯшу хира ин чашмон.

Дил ба хобу ҳама шуда дар хоб,
Зиндаам ё ки не? намедонам.
Ё ки худ сарсарӣ ҳамегардам
Дар ҷаҳону ҳамеша гирьёнам?..

Ҳой, эй қисматам, куҷои ту?
Дар фироқу ғами ту дил пурхун!
Эй худо, гар намедиҳӣ некаш,
Лоақал деҳ бадаш, макун маҳзун!

Шахси гардандаро ту хоб мадеҳ,
Чунки бедор гаштанаш душвор.

Ҳундаосо ба хоб мепӯсад
Чашмро во накарда, дигар бор.

Мон, ки ман рӯзи некро бинам,
Бо дили нек зиндагӣ созам.
Дӯст дорам ҳамеша мардумро
В-арна дар қаҳр соз мумтозам.

То ки сӯзам ба хашм дуньёро!
Банду занҷир даҳшатангез аст,
Дар ғуломию бандагӣ мурдан
Даҳшатангезу нафратангез аст.

Лек бе хонавода мондани кас
Даҳшатангезтар зи даҳшатҳост,
Бе нишон рафтан аз ҷаҳон чӣ бад аст,
Маҳв номаш зи сафҳаи дуньёст!

Ҳой, эй қисматам, куҷоӣ ту.
Дар фироқу ғами ту дил пурхун!
Эй худо, гар намедиҳӣ некаш,
Лоақал деҳ бадаш, макун маҳзун.

* * *

Назди кулба боғи олуболузор
Қунғузон гарданд бар болои он.
Бо юғу омоч меоянд боз
Ҷуфтронону ғазалхон духтарон.

Мунтазир дар хона модарҳояшон,
Мехӯранд якҷоя бегоҳӣ таом,
Қавкаби шаб ҳам намоён мешавад,
Духтарак орад хӯроки вақти шом.

Гарчи ғур-ғур менамояд модараш,
Лек булбул медиҳад бар вай халал.
Алла гуфта хоби тифлон оварад
Модар андар назди кулба он маҳал.

Пас, бихобад худ ба назди кӯдаконш,
Гирад оромӣ ҳама ҷоро фаро.
Лек танҳо духтарон хомӯш не,
Ҳамсадо бо булбулони хушнаво.

* * *

Гаҳ на боди сахт дар дашти васеъ
Оварад дар рақс барги ар-аре.
Гаҳ намояд сарзанишҳои қабеҳ
Бо тамоми сӯзиши ҷон духтаре:
«Хуб мешуд, бахт, эй бахти забун,
Ғарқ мегаштӣ ба қаъри баҳрҳо,
Чун намемонӣ маро, баргӯй, чун —
Ишқ бандам бар як аз мардони мо!
Бӯсаҳо бахшанд духтарҳо чунон,
Мекашанд оғӯш мардони ҷавон,
Боз бо онҳо чӣ хоҳад шуд, чиҳо —
Оҳ, ман огоҳ не боре аз он...
Дар якумре ҳам. Азизам, модарам,
Даҳшатангез аст зистан дар ҷаҳон,
Ҳам ба ишқи поки ҳамчун ҷавҳарам
Вонахӯрдан дар чунин умри ҷавон».

*Қӯсарал, с. 1848.*

* * *

Шӯру афғон дар дили рӯди Днепр,
Меканад бо қаҳр баргонро шамол.
Бедро хам мекунад сар бар замин,
Теғаҳои мавҷ хезад кӯҳмисол.
Моҳи хира дар ҳамин дам бо ҳарос
Роҳгум дар пушти тира абрҳост.
Ҳамчу заврақ, ки парад бар мавҷҳо,
Гоҳ пинҳону гаҳе андар шиност.
Қардааст андар деҳ оромӣ сукун,
Ҳам нахонда васфи субҳи нав хурӯс,
Нолаи чуғзони беша гунагун,
Шумтоле хам шуду зад ғиччирос.

## ЧИГРИНЕ, ЧИГРИНЕ!

Зи дуньё бигзарад охир ҳама чиз,
Муқаддас шӯҳрати ту бигзарад низ.
Чу гарде, ки зи рӯи гул барафтод.
Тамоман шаъну шӯҳратро барад бод,
Ба байни абрҳо ғоиб шавад чун...
Зи олам бигзарад солу маҳ афзун,
Днепр ҳам хушк мегардад саросар,
Қӯталҳо мешаванд вайрон муқаррар —
Хароба мешавад қабри ҳашамнок,
Накардӣ ҳифз шӯҳратро ба идрок.
Зи даврони ҷавонии ту, эй пир,
Қасе ҳарфе намегӯяд ба таъсир.
Куҷо истода будӣ? Қас нагӯяд,
Нишон аз ту ба шӯхӣ ҳам наҷӯяд.
Набошад, аз чӣ панҳоро саросар
Намудем торумору ҷисми бесар?
Ба найза қалби тоторон даридем,
Ба теғи тез сарҳошон буридем,

Заминро кишт карда бо ҷасадшон,
Намудем обьёриҳо зи хуншон.
Чӣ дарвидем аз он киштаҳо мо?!
Басо бегона буданд он алафҳо...
Нашуд ҳосил муроду мақсади мо.
Мани бадбахт дар вайронаҳоят
Ҳаме беҳуда резам ашки худро,
Пинак рафтаст аз бас Украина
Заминашро бипӯшонданд гулҳо.
Бувад ашки ҷавон рангин зи қалбаш,
Чу дар сӯрохӣ шарро дошт пинҳон.
Барои кӯдакон уммед бахшӣ,
Ки бод уммедро карда парешон,
Ба атрофи ҳама олам бибурду
Ба рӯи баҳр яксар кард нобуд.
Бимон ки бод бинмояд парешон
Ба боли доимо ларзандаи худ.
Бимон дил гирьяду ҷӯяд зи ҳар кас
Ҳақиқатро, ки мебошад муқаддас.
Ту, эй Чигрине, эй Чигринеи ман,
Ягона меҳрубонам, дӯсти ман!
Бидодӣ кӯҳҳоро, даштҳоро
Тамоми Украинаро ба душман.
Бароянд то даме ки офтобу

Шаванд бедор аз хоб гетманҳо
Бирав дар хоб, бас ки майкада беш
Фаро бигрифтааст ҳар ҷонибатро.
Агар ман низ мебудам, ибодат
Намуда, хоб мекардам ҳамоно....
Халал бидҳанд аммо фикрҳоям,
Бисӯзонанд қалбамро, танамро.
Насӯзонедам, андак сабр созед,
Ки шояд аз сари нав ман пур аз ғам
Ҳақиқатро биёбам, бишнавам пас
Суханҳои ба дарду ғусса маҳрам,
Ки шояд аз суханҳо позаи нав
Паи омочҳои кӯҳна ёбам,
Бикӯбам сахт, пас бо зӯри бозу
Қабатҳои заминро хуб кобам.
Чу навкорам замин шудгор созам,
Назар-афкан шавам бо чашми ғамгин.
Кашида оҳи маҳзунона он гоҳ
Ба ҷои дона корам ашки хунин.
Бимон, з-ин кишти ман, з-ин донаи ашк
Бирӯяд ханҷари бурранда бисёр;
Намояд чоку созад пора-пора,
Дили пӯсидаи аъдои ғаддор.
Бимон, ки хунашонро барфишоранд,

Ба ҷояш хуни сурхи тозаву нав
Шавад ҷӯшон, чӣ сон хун аст он хун.
Қазоқӣ хуни сурхи тоза!!! Бишнав!
Зи байни кордҳо гул карда райҳон
Аҷаб не ин, ки... шояд ки... ҳамин дам
Сурудамрову ҳарфамро саросар
Кунад хотирнишон бар ҷумла одам,
К-аз он як қад парад тарсида духтар.
Суханҳоям-қатори ашки хуноб,
Суруди ман, биҳишти ногуворам,
Ту Чигрине, ту Чигрине, бикун хоб!
Дучори марг гардад насли аъдо,
Бирав, дар хоб, гетман, то даме ки
Ҳақиқат дар ҷаҳон гардад ҳувайдо!

* * *

Рост мегӯям, ки андар Украина зиндагӣ
Менамоям ё ки не, фарқе намебошад маро.
Ё ки дар хотир наёрандам ба мулки дурдаст,
Ё ба ёд оранд, корам нест, бечунучаро.

Дар ғуломӣ байни ин бегонагон гаштам калон,
З-одамони худ маро шахсе азодорӣ накард.
Дар ғуломӣ гирья карда меравам аз ин ҷаҳон,
Мебарам дар гӯр бо худ ҷумлаи андӯҳу дард.

Вақти дар ғам монданам ёдам намесозанд ҳеҷ
Андар он хоки муқаддас — Украини пуршараф.
Ё намегӯяд падар, ки; эй писар, чун зиндагӣ
Дар ғуломӣ бигзарондӣ? Эй ба тири ғам ҳадаф:

Аз барои Украина як дуо бояд кунӣ,
Чунки аз сар бигзаронид ӯ ҷафои бешро,

Рост мегӯям, ки бахри ман надорад ҳеҷ фарқ
Қ-он писар созад дуо, ё ки намесозад дуо.

Ман фақат як чизро медонам ин, ки баҳри ман
Ҳеҷ як фарқе надорад; одамони бад агар
Украинро баҳри хобондан бигуфта «аллаё»,
Пас, варо тороҷ бинмоянд ҷумла сар ба сар.
Андар оташ баъд аз он бедор агар созанд, оҳ,
Ин намемонад ба ман бефарқ, донӣ, ҳеҷгоҳ!

## ГӮРИ КОФТАШУДА

Модари ман — Украина, кишвари ороми ман,
Ту гуноҳи бас азими кӣ дар ин дам мехарӣ?
Аз барои кӣ шуда ин қадр мебинӣ азоб.
Аз барои кӣ ба чанголи аҷал худ биспурӣ?

Ё ки ҳангоми саҳар барвақт бар парвардигор
Ту накардастӣ ибодат ё ки фарзандҳотро
Ту на омӯзондаӣ виҷдони пок андар ҳаёт?
Ман ибодат менамудам, карда меҳнат доимо,

Чашм нопӯшида фарзандони худро дам ба дам
Ёд медодам тамоми расму одатҳои нағз,
Кӯдакон дар рӯи саҳроҳои тоза ҳамчу гул
Хурраму хандон калон гаштандӣ пурҳушу
бамағз.

Ҳокимиятро, иродатро ба дуньёи васеъ
Хуб медонистам. Эй Богдани ман, Фарзанди
ман,

Хок бар фарқи ману ту бод, ҳой, эй бехирад,
Дар ҳақи модар чӣ кардӣ, гӯй, эй дилбанди ман?!

Ашкрезон бар сари гаҳвораат мехондам
Ҳай суруди ғуссаю маҳбусию дарду алам,
Лек худ будам ҳамеша бар ирода интизор.
Гар ҳамедонистам, эй Богдан, ки: аз аввал ба ғам

Ваъда медод ин ҳаёт, он гоҳ дар гаҳвораат
Мефушурдам ман гулӯятрову мекуштам туро.
Баргирифтастанд андар зери дасти хештан
Аҷнабиҳо даштҳои хубу зебои маро.

Дар ғарибӣ хор мебошанд фарзандони ман,
Он бародар, он Днепрам байни саҳроҳои ғам
Хушк мегардад, нигаҳ кун: москаль андар даштҳо
Қабр мекобад, ба ҳар сӯ карда гардиш дам ба дам.

Қабрҳои одамони худ намекобад, вале
Мурдаҳоро медиҳад ташвиш беҳуда, бубин.

Лек чун хоин ба воя мерасад ӯ пас, мадад
Менамояд, ки ватанро ҳукмрон гардад чунин.

Мешитобед ин, ки то аз модари мафлуку пир
Пираҳанро ҳам бигиред, ҳой, эй даррандаҳо!
Модари худро, ки мебошад азиз аз ҳар чӣ ҳаст,
Ёварӣ созед, то гардад зи кулфатҳо раҳо.

Гӯри кӯҳна шуд валангору тамоман кофта...
Ёфтанд аз он чиро? Дар байни он, аҷдодамон
Ҳуд чиро гӯронда буданд? Оҳ, кай он дам расад
Ки бикобему биёбем ганҷҳоро, ки ниҳон

Кардааст аз баҳри моён то ба ҳоло ин замин,
Пас, нагирьянд модарону кӯдакони мо чунин.

* * *

Абрувони сиёҳу чашмони
Гӯсфандӣ чӣ лозим аст маро,
Навҷавонии духтаронаву ҳусн
Рӯзи кӯтаҳ барин бувад, зеро

Бигзаранд мисли барқ беҳуда
Солҳои накӯиям яксар,
Абрувони сиёҳу ғафси ман
Мешаванд аз шамол паҳн чу пар.

Дил маро дар азоб мебошад,
Мисли паррандаи фитода ба дом...
Қисматамро чу нест хурсандӣ,
Чист зебоии мани ноком?

Ба мани рухсафеди абрусиёҳ
Ҳаст мушкил ҳаёти пурозор,

Одамони худӣ, чу бегона,
Рози дил з-он намекунам изҳор.

Қас напурсад маро, ки чашмонам
Ашкбор ин қадар шуданд чаро?
Нест ҷӯе зи ҳоли ман шахсе,
Гӯямаш то ки хоҳиши дилро.

Гӯямаш аз чӣ мекунад ғур-ғур,
Мехӯрад ғусса дар азобу фишор,
Мутталеъ нест худ магар шахсе
З-ин ғаму з-ин уқубати бисьёр.

Ҳеҷ чиз одамон намепурсанд,
Хайр, дониста ҳам кунанд чӣ кор,
Худ бимон, ки ятим гирья кунад,
Умри вай бигзарад чунин, бигзор...

Дилу чашмон, кунед гирья шумо
Дар дами нурпоши ахтарҳо
Гирьяҳои баланду ҳузнангез
К-ончунон бишнавад шамол онро,

Ашки чашмам гирифта, пас, бо худ
Бубарад то ба он сӯи дарьё,
Андар он рӯзи пурғаму дардаш
Бирасонад ба бевафо, зебо.

# ДУХТАРИ ҒАРҚШУДА

*Қисса*

Меравад бод дар пинак то субҳ
Дар даруни булутзори баланд,
Баъд бедор гашта оҳиста
Ба қиёқ медиҳад саволе чанд;

— Кӣ дар ин ҷой, ки шабонгоҳон
Омаду шона зад ба гесӯяш?
Кист он ҷой хашмгинона
Мезанад панҷа, меканад мӯяш?

Кист, охир, бигӯй, худ вай кист? —
Гуфта оҳистаяк ҳамепурсад.
Мевазад, меравад пинак пас аз он,
То ҳамон вақт, ки шафақ бидамад.

— Кӣ шумо, духтарон? Зи ман пурсед,
Равшан инак баён кунам ба шумо;

Духтар ин ҷову модараш аммо
Дуртар з-ӯ ситода аст он ҷо.

Буд дар Украина ин қисса,
Дар замоне ба даврахои қадим,
Дар миёнҷои деҳа бевазане
Хурдакак хона дошт, буд муқим.

Дошт рӯи сафеду чашми сиёҳ,
Қадбаланду миёнборик буд.
Доимо мардҳо ба атрофаш
Ҷамъ буданд бо дили хушнуд.

Тӯда-тӯда шуда ҳамегаштанд
Аз қафои ҷавонзанак казакон.
Низ шаб то саҳар ба назди вай
Менишастанд беибо онон.

Ногаҳон духтаре таваллуд ёфт
Аз ҳамон бевазан, ғамаш кам шуд.
Тифлро бар касони бегона
Баски биспурд, дур аз ғам шуд.

Ана, рафтори инчунин модар!
Сабр бинмуда, гӯш кунед шумо!

Одамон тифлро калон карданд,
Гашт духтарча қадрасу зебо,

Лек он бевазан ба айшу нӯш
Гашта машғул ҳамраҳи мардон,
Ҳам дар айёми иду рӯзи кор
Дар тараб буд хурраму хандон,

То дами пир гаштанаш ҳаргиз
Ғуссаву дардро намедонист,
Давраҳои ҷавониаш рафтанд
Бо чунин тарз рӯзу шаб беист...

Пир шуд модару ба ғам печид,
Гашт пажмурда, бемадору назор.
Духтар аммо шукуфта рӯз аз рӯз
Мешавад сарвқадду гулрухсор,

Ганнаи шӯхчашму мӯйсиёҳ,
Буд сарву вале хиромон буд.
— Хотири ман зи Ганнаҷон ҷамъ аст,—
Гуфта модар ба фахр аз он буд.

Қазакони ҷавон ҳама шабу рӯз
Печ дар гирди Ганна мехӯрданд,

Баргирифта ҳаловат аз дидор
В-аз нигоҳаш ҳузур мебурданд.

Байни шайдоиён аз он ҷумла
Буд як моҳигири ҷингиламӯй,
Моҳигирии хеш тарк намуд,
Гашта мафтуни Ганнаи хушрӯй,

Модари пири вай ғазаб-олуд
Мезадӣ дод бар сари духтар,
Қ:-Эй гадодухтари сабукрафтор,
Қори дигар надорӣ ҳеҷ магар?

Шудаӣ қадрасу арӯсӣ ту,
Мекунӣ сайругашт бо мардон.
Модаратро намекунӣ ҳурмат.
Сабр кун! Медиҳам ҷазот! Бидон!..—

Ғиҷирос мезаданд дандонҳош,
Ҳамчу санг аст қалби ин модар!
Фахр мекард бар ҷамоли хеш,
Ҳоли худро надошт ёд магар?

Аз чӣ бадгӯӣ карда бар мардум
Мезанад вай тамасхури беҷо?

Аз чӣ меномадаш «сабукрафтор»?
Ёд дорад ҷавонии худро?

Мегирист Ганнаву намедонист,
Ки варо аз чӣ модари пираш
Ба «сабукпо»-иҳо лақаб дода,
Ин қадарҳо намуд таҳқираш?

Эй ту, ҷаллод, духтари худро
Медиҳӣ ин қадар азоб чаро?!
Ганнаро гарчи модараш мезад,
Гарчи медод кулфати бисьёр,
Боз ҳам мешукуфт рӯз аз рӯз
Чун гули дашту лолаи кӯҳсор.

— Ин чӣ сеҳр аст? — гуфта зери лаб
Зад пичиррос модари бадкин —
Сабр кун, рафта назди ҷодугар
Оварам заҳр, бар ту чора ҳамин! —

Заҳр овард вай зи ҷодугар
Пас, бинӯшонд духтари худро.
Заҳри қотил ба Ганна таъсире
Нанамуду дигар нашуд асло...

Модараш аз намурдани духтар
Гашт ғамгину хонд лаънатҳо.
— Баданам тафс дорад, эй духтар.
Оббозӣ кунем бар дарьё!

— Хез, рафтем, очаҷон, майлаш,
Зид наям ҳеҷ гоҳ фикри туро! —
Ганна аз тан либоси рӯй кашид,
Қард бо яктаҳи сафед шино.

Ҳамчу моҳӣ, даруни об дароз
Бикашиду даме ситод ором.
Моҳигири ҷавони ҷингиламӯй
Низ пайдо бишуд дар он ҳангом.

Вай ҳаросон ҳаменамуд нигоҳ...
Ки ба як вақтҳо худи ман ҳам
Менамудам чунин ситода назар,
Нигаҳам не ба моҳӣ буд он дам...

Ганна чун тифл буд аҷаб хушҳол,
Дар лабаш мавҷаи табассум буд.
То шавад гармтар зи тобиши меҳр,
Қард ҳам қомати баланди худ.

Модар аммо чу гург ҷониби вай
Хашмгинона менамуд назар,
Пойҳо луччу аз ғазаб мешуд
Чеҳрааш гаҳ кабуду гоҳе зард.

Мӯи пахмоқи хешро канда,
Ҳар тараф рӯи рег мепартофт,
Пас, ба гесӯи Ганнаҷон зад чанг,
Сахт бигрифту ҳар тараф бартофт.

— Оча! Оча! Ӯро чӣ шуд? — ин дам
Обҳо уштулум заданд ба ҷӯш,
Аз нишебӣ расида нолакунон
Ҳар дуро мавҷҳо шуданд рӯпӯш.

Моҳигири ҷавони ҷингиламӯй
Зуд афканд хешро дар об.
Ҳамчу моҳӣ шино заду бирасид
Назди онҳо, бихӯрда печутоб.

Бо ҳазорон машаққату сахтӣ
Ганнаҷонро, ки рафта буд аз ҳуш
Зуд берун кашид бо модар
Хоб карданд рӯи рег хамӯш.

Гесӯи Ганнаҷон ба чанголи
Қампирак монда буд печида,
Кард ӯро халос моҳигир,
Хуни дилро фишонда аз дида.

— Ҷони ман, чашмҳои худ бикшой,
Сӯям, охир, табассуме бинмой!

Не... намехоҳӣ!! — гуфту оҳ кашид.
Пас, ба паҳлӯи вай нишаст он ҷой.
Бӯса бар чашмҳои мурда бизад,
— Як нигаҳ кун ба ҳоли зори ман!
Бар таваллои ман ту надҳӣ гӯш.
Гӯшҳои ту нашнаванд сухан!!. —

Дастҳои сафеди вайро пас
Ба ду паҳлӯш рӯи рег гузошт.
Духтарак, куртаи сафед ба тан,
Хуфта хомӯш, сар намебардошт.

Модараш чашмҳо алою було
Бе нафас рӯи рег мехобид.
Назди духтар нишаста моҳигир
Ашки ҳасрат зи дида меборид;

— Бахти ман нест, ин бувад маълум,
Бахти ман нест ҳеҷ дар дуньё! —
Ганнаро бӯса зад, зи ҷо бардошт —
Зиндагӣ зери об беҳ бар мо!...—

Мавҷҳо омаданд бар нолиш,
Пас, кушоданд раҳ зи ду ҷониб,
Боз бар ҳоли хеш баргаштанд,
Он ду гаштанд аз назар ғоиб...

Аз ҳамон дам қиёқҳо руста
Шудаанд рӯйпӯш бар дарьё,
Духтарон бигзаранд давр зада
Оббозӣ намекунанд, аммо
Баркашида салиб мехонанд
Нафрати беш модари ӯро...

Аз чӣ он ҷой манзили ғам шуд.
Бинамоед гӯш, духтаракон;
Модари бадсириштн вай ҳар шаб
Мебарояд чу дев гашта аён,

Бо рухи кап-кабуду пои луч
Рӯи харпушта менишинад он.

Назар афканда он сӯи соҳил
Хашмгин мӯи сар канад ларзон.

Мавҷҳои кабуд оҳиста
Ганнаҷонро кашанд бар соҳил:
Вай дар он ҳол мепарад як қад,
Гӯиё дар тапидан омад дил...

Худ ҳамон моҳигир ҳам аз об
Мебароянд ба соҳилу гирьён,
Растаниҳои обии некӯ
Мегузорад ба рӯи куртаи он.

Бӯса гирад зи чашмашу дар ҳол
Боз гардад ба қаъри об фурӯ.
Дар шаби тор ҳам намояд шарм
Ин, ки бинад тани бараҳнаи ӯ.

Дар булутзор кас намедонад
Ки чиҳо рӯй медиҳад? Аммо
Аз нишебии он ҳамеша ба гӯш
Ғувваси бод мерасад танҳо.

Мезанад вай пичирросу пурсад:
Қист он ҷой. Гӯй, охир, кист?
Мӯи худро кӣ мезанад шона?
Қист он ҷой? Гӯй, охир, кист?


Достонҳо

# КАТЕРИНА

Ба Василий Андреевич Жуковский[1] ба хотираи рӯзи 22 апрели с. 1838.

## I

Аё абрӯсиёҳон, ишқ бозед,
Ба москальҳо [2] валекин дил набандед,
Ки москальҳо — каси бегона бошанд,
Шумо дар назди онҳо нописандед.
Шуморо мезананд аз роҳу охир
Миёни роҳ танҳо мегузоранд,
Бимирад духтари бечора аз ғам,
Ба ӯ раҳму риоят ҳам надоранд.
Худаш мемурд агар, бигзор мемурд,
Намуда қисмати бадро маломат,

---

[1] Жуковский Василий Андреевич (1783—1852) шоири машҳури рус, ки дар озод кардани Шевченко аз заминдор Энгельгардт бевосита иштирок кардааст. Дар ин ҷо рӯзи аз крепостной озод шудани шоир 22 апрели с. 1838 махсус қайд карда шудааст.

[2] Москальҳо — дар Украина солдатҳои армияи подшоҳии русро ҳамин тавр меномиданд. Ин ҷо дар бораи офицер сухан меравад.

Вале баъди чунин аҳволи нангин
Бимонад модараш оё саломат?
Агар дар дил бувад озору дарде,
Шавад озурда аз овози булбул,
Агар доғе расад бар номи духтар,
Шавад доғи сиёҳ бар қалби модар.
Аё абрӯсиёҳон, ишқ бозед,
Ба москальҳо валекин дил набандед,
Ки москальҳо — каси бегона бошанд.
Шумо дар назди онҳо нописандед.

Ба амри дил итоат карда духтар,
Ба ишқи навҷавоне шуд гирифтор,
Насиҳатҳои модар ҳам падарро
Накарда гӯш ӯ зинҳор-зинҳор.
Ба рӯи боғ шабҳо мебаромад,
Ба назди москали ширинкаломаш,
Шабе каҷ рафт poяш аз раҳи рост,
Ки дод аз даст ӯ номусу номаш.

Шабон момои ӯ фарьёд мекард,
Вале дар гӯши ӯ кай медаромад;
Гаҳе ҳамроҳи москаль хоб мекард,
Ба ҳар ҷое, ки ӯро рост омад.
Чӣ шабҳое ки аз чашмони шаҳло

Ҷавон бо меҳрубонӣ бӯса мезад,
Вале, ҳайҳот, шуд овоза дар шаҳр,
Аз ин шуд номи неки духтарак бад.
Намедонад, ки ӯ дар байни мардум
Қунун овозадору таънасор аст,
Ба ҷуз ёраш варо фикри дигар нест,
Ки дилро бо гапи мардум чӣ кор аст,
Хабар омад ба як рӯзи сиёҳе,
Биёмад табли ҷангӣ ҳам ба фарьёд,
Ки москаль рафт, духтар монд танҳо,
Умеду номи некаш рафт барбод.
Намуд чун пардаи номус пора,
Ба рӯяш чодари лаънат кашиданд [1]
Ба ғафлат духтарак, балки надонист,
Балоҳо аз куҷо ӯро расиданд.
Зи дарди талху ширини муҳаббат
Ба рӯяш ашки ҳасрат дона мекард,
Ба ёди васлу аз дасти ҷудоӣ
Аҷоиб гирьяи мастона мекард.
Қасам мехӯрд ёраш гоҳи рафтан;
Агар сар зинда бошад — садқаи ту!

---

[1] Аз рӯи одати украинҳо духтареро, ки бениқоҳ фарзанд таваллуд мекард, ҳамчун аломати шармандагӣ ба сараш чодар мекашиданд.

Ҷунун раҳ пой, эй бечора духтар,
Ки ёрат кай биёяд аз паи ту.
Ба москальҳо агар хешӣ намоӣ,
Ҳама дарду ғаматро кун фаромӯш.
Ба номат ғайбати бисьёр гӯянд —
Ҳама хурду калон, мебош хомӯш.
Ба чашми халқ гӯё ғам надорад;
Набинад ашки ӯ ҷуз домани ӯ.
Тамоми духтарон дар кӯча шодон,
Вале шуд кунҷи хона — маскани ӯ,
Ба чашми дурбинон ғам надорад,
Вале шабҳо ниҳон аз чашми мардум
Хамӯшона барои об ояд;
Ҳазар бинмуда ӯ аз хашми мардум.
Нишинад як даме зери калина,
Бихонад як суруде баҳри ёраш ,
Чунон аз ҷон бинолад, ки калина
Намояд гирьяҳо бар ҳоли зораш.
Агар ёраш биёяд, ранҷу дардаш,
Ҳаме умри мусибат бар сар ояд,
Зи таъни мардумон озод гардад,
Зи нав рӯҳаш дамад, ҷонаш дарояд,
Ба чашми халқ гӯё ғам надорад,
Вале аз субҳ то шоми ғарибон

Ситода рост дар назди тиреза,
Бипояд роҳ бо ҳоли парешон.
Чу дарьё вақт сӯи пеш мерафт,
Ду чашми ӯ ба роҳи ёр буданд,
Бирафт аз тан — мадор, аз дида-нураш,
Ғаму ҳасрат қарори ӯ рабуданд.
Зи бехобӣ бирафт тобу тавонаш,
Ба лаб омад зи дарди ишқ ҷонаш,
Тани бемор ӯ ночор хезад,
Бигӯяд алла тифли нотавонаш.
Вале ҳамсояҳо бар модари ӯ
Суханҳои баланду паст гӯянд,
«Ки москальҳо шабон дар хонаи ту
Чӣ гум карданд, бенанге... чӣ ҷӯянд!
Ки дорад духтарат қадди баланде,
Аз ин рӯ москалонро кард шайдо,
Ва аскарбаччаи ҳарромияшро
Нагӯяд аллаи беҳуда асло:
Ҳар он чӣ кофт — охир ёфт бесар...
Ҳазорон ҳайф бар ту номи модар...»

Шумо мишмишгарони садзабонро,
Шумо золони шуми бедаҳонро,

Худо бошад агар одилу ҷаббор,
Ба рӯзи духтарак созад гирифтор!

Қатерина, дили садпораи ман,
Чӣ гуна наҳс омад ахтари ту!
Ту бо ин бенаво кӯдак чӣ созӣ.
Чӣ рӯзи сахт омад бар сари ту!
Кӣ монад бар сараш дасти навозиш,
Кӣ гирад дар паноҳи хеш ӯро?
Падар ҳам модарат — бегона бошанд,
Намоянд аз дари худ пеш ӯро.

Бишуд дур аз тани ӯ ранҷ, бархест,
Мадор омад каме бар дасту пояш,
Таги тиреза аз нав роҳ пояд,
Навозиш карда тифли бенавояш.
Ба ёди ёр чашмаш роҳ медид,
Аз ин раҳ лек дилдораш наёмад.
Ба кунҷи боғ, дур аз чашми мардум
Зи дида ашки хунбораш фаромад.
Даме хуршед пушти кӯҳ фарояд,
Чу моҳи коста берун барояд,
Намуда пахш кӯдакро ба сина,
Хаёли даври ширинро намояд:
«Дар ин ҷо интизорӣ мекашидам,

Дар ин ҷо мегирифтам пешвозаш,
Ана ин ҷо... чиҳо гуфтам, азизам...»
Дар ин ҷо буд рози бениёзаш.

Дарахтони муруду олуболу
Кушода муғчаҳоро ханда карданд.
Ба саҳни боғ омад боз духтар,
Варо з-ин ханда сар-афканда карданд.
Чу он шабҳо, ки будаш интизорӣ,
Дигар ӯ шеъри пурсӯзе нахонад,
Умедаш мерасид бар ноумедӣ,
Дигар аз ишқ ӯ ҳарфе наронад.
Катерина зи ранҷу дарди бисьёр
Ба мисли булбулони безабон шуд,
Вале овозаи ҳамсоягонаш
Парешон аз даҳоне бар даҳон шуд:
Суханҳои пур аз таҳқиру хорӣ,
Гапи бо кину нафрат парварида...
Зи кӣ ин бенаво имдод ҷӯяд?
Ба кӣ ҳоли дили афгор гӯяд?
Дареғо, ёри ӯ дур аст, дур аст,
Намебинад, ки душманҳои маккор
Диҳанд ӯро ба ҳар сония озор,
Варо аз зиндагӣ карданд безор.

Кӣ донад, аз Дунай он сӯй ёраш
Бихобад зери хоки тираю тор?
Ва ё дар Москва, дар шаҳри зебо
Ба ишқи ёри нав бошад гирифтор?
На мурдасту на ёри нав гирифтаст;
Дили духтар ба ин бовар надорад.
Чунин абрӯю чашми маст, к-ӯрост,
Ба олам духтари дигар надорад.
Агар Москваро сад бор гардад,
Агар ки рӯи дуньёро бикобад,
Ба мисли Қатя дар ҳусну малоҳат
Ба як-умре каси дигар наёбад.
Рухаш — маҳтоб, чашмаш — косаи об,
Ду абрӯ — тозатар аз сурмаи тар,
Ки модар аз ҳама сармояи ҳусн
Надода бахтро танҳо ба духтар.
Қаси бебахт дар олам, азизам,
Чу гулҳои сари роҳи калон аст,
Шамолу жола помолаш намояд,
Қанад ӯро касе, з-он ҷо равон аст.
Қатерина, бишӯ дасту дилатро
Ба оби дидаҳои шашқаторат,
Ки москальҳо ҳама аз ҷанг гаштанд,
Ба роҳи дигаре баргашт ёрат.

II

Падар бо хашм дар пушти столе
Ба рӯи каф сарашро такья медод,
Ҷаҳон дар чашми ӯ буд тираю тор,
Сараш пур аз хаёлу қалб-ношод.
Нишаста назди ӯ момои пираш,
Ба чашми тар ба нармӣ гуфт: Духтар,
Бигӯ, акнун чӣ шуд ташвиши тӯят?
Чаро танҳоӣ, охир, доғи модар?
Даромад дар кадомин гӯр шӯят!
Куҷо шуд хостгорони қаторат,
Намеоянд чаро дар ҷустуҷӯят?
Агар дар Москва бошанд, бархез,
Бигӯ дар пеши онҳо арзу додат.
Нагирӣ номи моро назди мардум,
Бубар, эй беҳаё, моро зи ёдат!
Надонам дар кадомин соати шум,
Балои ҷони ман, гаштӣ таваллуд?
Агар донам аз ин рӯзи сиёҳат,
Ҳаме кардам ҳамон сония нобуд!
Намедидӣ ту ин шармандагиро,
Зи дарду ғам раҳо мееафт ҷонат,
Сияҳрӯзӣ намегардид ёрат,

Намешуд хор тифли нотавонат.
Ту буди меваи хомею чун меҳр
Туро бо меҳри дил мепарваридам,
Чиҳо карди ту, охир, ҷони модар?
Ҳамин буд аз ту армону умедам?
Хатое рафт, к-ислоҳе надорад,
Биҷӯ хушдоманат аз шаҳри Маскав.
Гапи моро накарди гӯш, акнун
Гапи ӯро ақаллан рафта бишнав.
Ба ҳар ҷое, ки бошад, ёб ӯро,
Бимон дар хонаи ӯ хоҳу ноҳоҳ.
Азизам, бахту давлат бод ёрат,
Наё вопас ба як умре аз ин роҳ,
Агарчанде ғарибӣ зӯр бошад,
Дигар ин роҳро асло напӯӣ.
Дар ин раҳ гум кунӣ ҳарчанд моро,
Дигар гумгаштаҳоятро наҷӯӣ.
Намедонам, ки баъд аз марг, бе ту
Қадом одам маро дар гӯр монад?
Ба арвоҳи мани осии бекас
Қадом одам дуои хайр хонад?
Кӣ мегирьяд ба рӯзи мурдани ман?
Мани фартут ғамхоре надорам.

Кӣ биншонад ягон бехи ниҳоле
Барои хайр дар рӯи мазорам?
Аё эй нозанини хору зорам,
Гули пажмурдаи фасли баҳорам!..
Бирав акнун, худо ёри ту бошад! —
Ба сад миннат варо фотиҳае дод,
Бишуд рӯяш ба ранги рӯи девор,
Сипас ларзидаву беҳуш афтод.
— Чаро истодаӣ, гум шав аз ин ҷо! —
Бизад фарьёд бо тундӣ дадояш.
Фиғон кард духтарак, ларзид, афтид,
Ту гӯӣ, ҷон бирафт аз дасту пояш.
— Бубахшо, эй падар, пушту паноҳам,
Чӣ коре буд ман кардам, худоё?
Бихӯр раҳми ҷигарбанди худатро,
Набур аз хашм пайванди худатро...
— Тавалло кун, биёмурзад худоят,
Бигӯ: мардум хӯрад раҳми шуморо,
Ибодат кун ба номи поки яздон,
Бирав, осудаяк бигзор моро!..
Ба як зӯре зи ҷояш хест духтар,
Намуд таъзиму аз ҳавлӣ баромад,
Даруни кулбаи ду пири бекас

Ғаму дарду алам — як ҷо даромад.
Ба кунҷи боғ, дар зери дарахтон
Намуд зорӣ ба даргоҳи худованд.
Гирифта мушти хоки зодгоҳаш,
Назар афканд баъд аз ин ба роҳаш.
— Қунун тарки Ватан гуфтему рафтем,
Аз ин ҷо канда шуд имрӯз поям.
Ягон бегонае дар кишвари ғайр
Бикобад гӯри танге аз бароям.
Вале бигзор дар рӯи мазорам
Бимонад мушти хоки кишвари ман,
Кунад огоҳ аз бахти сиёҳам
Тамоми халқро баъд аз сари ман...
Ба ҳар ҷое, ки бошад манзили ман,
Нагӯ, хоки ватан, рози дили ман!
Ба нафрат то ки номамро нагиранд,
Ки нанмоянд лаънат бар гили ман.
Нагӯӣ ту агар, ин тифл гӯяд,
Ки буд момои берӯзаш чӣ кора.
Киро ҷӯям, куҷо ёбам паноҳе?
Куҷо раҳ мебарам, охир, чӣ чора?
Агарчи нест пайдо сарпаноҳе,
Намояд мавҷаи дарьё паноҳам.

Ятими бекасу бекӯи модар,
Дуои хайр бинмо гоҳ-гоҳам...
Ду чашми духтарак кӯри гиристан,
Ба роҳаш яккаю танҳо равон буд,
Сарашро баста бо рӯмоли шоле,
Ба дасташ тифл дар хоби гарон буд.
Зи саҳро бар қафои худ назар кард
Ба чашмони кабуди ҳавзи обаш,
Даруни синааш фарьёд мекард
Дили бечораи пур-изтиробаш.
Ситода ҳамчу сарви пойдаргил
Сари роҳи пур аз чангу ғуборе,
Чунон аз дидагонаш ашк борид,
Ки шуд домони саҳро шӯразоре.
Зи пушти пардаи борони ашкаш
Ҷаҳонро ӯ ба ранги тира медид,
Зи навмедию ранҷу бедимоғӣ
Рухи хуршедро ҳам хира медид.
Вале он кӯдаки навзоди нодон
Зи ҳоли модараш парво надорад,
Ба ғул-ғул синаи ӯро бичӯяд,
Ба ҷуз нафсаш, ғами дуньё надорад.
Чу хуршед аз фалак поён фуромад,

Шаби ялдои духтар пеш омад.
Диёраш монд дар пушти сари ӯ,
Қатораш монд чашмони тари ӯ.
Пас аз ин мардумони деҳа чанде
Варо бад кардаю ғайбат намуданд,
Падар ҳам модараш аз ин маломат,
Аз ин гапҳо дигар огаҳ набуданд.

Бубин, охир, ба дуньёи дурӯза
Чӣ коре мекунад одам ба одам!
Якеро баста, дигарро шикаста
Ва хоки сейӯмаш барбод дода!
Барои чӣ? Худо медонаду бас!
Ҷаҳонро бингарӣ, ҷои кушод аст.
Вале дар ин замини беканора
Қаси бечораро ҷое надодаст.
Якеро мулк додаст, мол додаст,
Замини бекарон додаст, додаст,
Ба дигар кас фақат се газ заминро
Барои гӯри тангу тор додаст.
Куҷо он одамони босаховат,
Ки мардум рӯзу шаб буданд ҷӯё?
Куҷо он мардуми неки дилогоҳ?
— Бирафтанд як ба як аз дори дуньё!

Ба олам ҳаст озодӣ,
Вале онро кӣ меёбад?
Ба олам ҳаст ободӣ,
Вале онро кӣ мекобад?
Ба дуньё ҳаст одамҳо,
Ки молу симу зар доранд,
Вале аз бахту озодӣ
Магар онҳо хабар доранд?
Даруни ҷомаи кимхоб —
Чун зиндони тиллоӣ,
Нигаҳ доранд ашки худ,
Наорад то ки расвоӣ.
Аз онҳо — давлати дуньё!
Ба ман кофист чашми тар!
Ба ғайр аз дурри ашконам,
Нахоҳам давлати дигар!
Намоям ғарқ бадбахтӣ
Ба сели ашки чашмонам!
Кунам помол зиндонро
Ба ин поҳои урьёнам!
Биёбам бахту давлатро,
Шавам он лаҳза ман дилшод,
Занад пар мурғи илҳомам
Ба авҷи осмон озод!

III

**Ба рӯи ҷангали сокит гоҳе,**
Садои бум мегардад парешон.
Суғурҳо медавад байни алафзор,
Зи боло гашта ахтарҳо дурахшон.
Ба зери чодари зангории шаб
Ту гӯй, хоб мардумро рабудаст,
Якеро шодӣ, дигарро ғами ҷон,
Ғами бечорагӣ шалпар намудаст.
Бихобондаст мардумро, чу модар,
Бигӯяд алла дар гаҳвораи ноз...
Ҳамин шаб ёфт оё сарпаноҳе
Қатерина? Барои ман бувад роз.
Магар хомӯш созад кӯдакашро
Даруни хирмани гандум ба майдон?
Ба ҷангал ё зи чашми гурги гушна
Ба пушти тӯс гардидаст пинҳон?
Аё абрӯсиёҳони паризод,
Аё афсунгарони ҳуснэҷод,
Ба ин бахти сиёҳу толеи шум
Шуморо кошкӣ модар намезод!..
Чӣ орад ин ғарибӣ бар сари ӯ?
Ҷафо орад, ситам орад, ғам орад,

Шамоли дашт хокаш бар сар орад,
Дили пурдард, чашми пурнам орад.
Ба роҳаш барфу борону шамол аст,
Ҳама дар ин раҳи ғам ношиносанд.
Ба ногаҳ рафту шӯяшро биёбад,
Шиносад? Ё зи духтар рӯй тобад...

Қанӣ, як дам сабурӣ пеша созем,
Таҳаммул кардаю андеша созем.
Қанӣ, ҷӯем роҳи Маскавашро,
Ки он роҳи дароз, охир, кадом аст?
Чӣ ҷои ҷустуҷӯ ё пурсупос аст.
Ба ман ин роҳи беохир шинос аст.
Гаҳе ин роҳро орам ба ёдам,
Ба танг ояд дили бечораи ман.
Варо паймудаам пои пиёда,
Хаёлам раҳбари овораи ман!
Азоберо, ки ман дидам дар ин роҳ,
Худовандо, каси дигар набинад!..
Агар гӯям саросар ин аламро,
Ба хуши кас, ба гӯши кас нашинад,
Ҳаме баъзе касон шояд, бигӯянд:
— Дар ин гап ростӣ ҷустан маҳол аст,
Ки вақти хешро зоеъ намуда,

Дигарҳоро фиребад, ин чӣ ҳол аст...»
Шумо ҳақ, эй азизон, шак надорам!
Шуморо бо мани мискин чӣ кор аст?
Дили ман гирья мехоҳад, чӣ созам,
Ки он бечораяк аз ғам фигор аст!
Ба ҳар як дил ғаме ҳаст, мотаме ҳаст,
Ки ҳар дил бо ғами худ мубтало аст.
Басе! Акнун бигиред ин алавро,
Фурӯзонед, эй ёрон, чилимро,
Бисӯзонед то буньёди ғамро,
Ки аз дилҳо бурун орад аламро.
Азизон, қиссаро кӯтоҳ кардам,
Зи пушти Катя азми роҳ кардам.
Бубинам, то чӣ омад бар сари ӯ,
Кӣ бошад ёвари ӯ, довари ӯ...

Аз он сӯи Днепр сӯи Киев
Басе оҳиста чумакҳо [1] равонанд.
Даруни ҷангали сарсабзу хуррам
Ба овози баланде шеър хонанд.
Зи пеши роҳашон Катя баромад.

---

[1] Чумакҳо — деҳқонони украинӣ, ки бо барзаговҳо аз Қриму Дон намак ва моҳӣ мекашонданд.

Зиёратрав гумон карданд ӯро...
Даме, к-аз дур ӯ наздик омад,
Ғамин диданд моҳи хубрӯро.
Ба дӯшаш халтаи бетӯшае дошт,
Ба дасти рост ӯро як асо буд,
Ба дасти дигараш дар хоб кӯдак,
Асо ӯро ягона муттако буд.
Баробар шуд ба чумакҳою истод,
Нигоҳи ӯ ҳамепурсид имдод.
Бигуфто, ки раҳи Маскав кадом аст?
Парешону ғамину зору ношод,
Раҳи Маскав? Ана инаш аҷиб аст.
Ту азми шаҳрҳои дур дорӣ?
— Бале, то шаҳри Маскав меравам ман,
Ба роҳи хайр бинмоед ёрӣ...
Зи чумакҳо даме ёрӣ талаб кард,
Зи шарму аз ҳаё месӯхт рӯяш,
Ва чумакҳо варо ёрӣ намуданд
Барои хотири тифли накӯяш.
Зи мардум ӯ суроғи роҳ мекард,
Миёни чӯлу саҳро пеш мерафт.
Ба шабҳо дар таги девору дарҳо
Ба пинак модари дилреш мерафт.

«Аҷаб расмест, расми одамизод»,
Зи роҳ афтодаро аз по фитонад.
Ҳар одамро, ки яздон хор созад,
Куҷо шахсе, ки бардорад, навозад!
Аҷаб!
Одам мизоҷи бед дорад,
Шавад моил ба ҳар сӯе, ки бод аст.
Насозад бенаворо гарм хуршед,
Агарчи нуру эҳсонаш зиёд аст.
Агар аз дасти одамҳо биёяд,
Бипӯшанд офтоби босахоро,
Насозад гарм то ки бенаворо,
Насозад хушк ашки беваҳоро.
Аё парвардигоро, гӯй бар ман,
Ҳамин аст лутфу ҷуди боргоҳат?
Куҷо шуд роҳиму раҳмонии ту,
Нагирӣ бандаеро дар паноҳат?!
Зи дасти зиндагонӣ нола дорӣ,
Қатерина! Марезон ашк зинҳор,
Ки ашкат дӯст ё душман набинад!
Даруни сина оҳатро нигаҳ дор!
Набинад то гули рӯят хазонро,
Набинад сунбули мӯят хазонро,
Миёни бешазорон то саҳаргоҳ

Бидеҳ аз ашки чашмат об онро.
Бишӯ бо ашки ҳасрат ҳарду рӯят,
Дар ин ҷо ҳеҷ кас онро набинад,
Даме ашки алам аз дида резӣ,
Қаме холӣ шавад қалби ҳазинат.
Катерина, намедонам куҷоӣ?
Чӣ сон имшаб ту шабро рӯз кардӣ?
Ту пеш аз офтоб аз хоб хезӣ,
Ҳаме афтону хезон роҳ гардӣ.
Ба сӯи Москва мерафт чун бод,
Вале дар ними раҳ омад зимистон,
Зи як сӯ барф мерезад ба рӯяш,
Зи як сӯ менамояд бод афғон.
Қунун рӯзи сиёҳаш тиратар шуд:
Ба тан як куртаи фарсудае дошт,
Ба пояш чоруқи қоқи дарида,
Зи сардӣ ранг аз рӯяш парида.
Ба ногаҳ дид духтар аз раҳи дур,
Ки меоянд як фавҷи саворон.
Яқин донист, москальҳо расиданд,
Дил андар синааш бинмуд ҷавлон.
Ту гӯӣ, Қатя болу пар баровард,
Ба истиқболи онҳо парзанон рафт.
— Қуҷо шуд Ивани абрӯкамонам?

Қанӣ ӯ, ки фидояш бод ҷонам!
— Намедонем! — гуфтанду гузаштанд,
Намуда таъну писханди зиёдаш,
Миёни роҳ танҳо монд, танҳо,
Ягон кас мерасад, охир, ба додаш?!
Назар андохт аз пушти саворон,
Ба дил гуфто, ки дод аз дасти одам!
Макун гирья, биё рафтем, ҷонам,
Азизам, ҳар чӣ бодо-бод, бодам,
Биё рафтем аз пушти дадоят,
Агар бошад насиб, ӯро биёбам,
Агар ёбам, туро биспораму пас
Ба зери хок як-умрӣ бихобам.
Миёни бодҳои тунди саҳро
Мисоли навниҳоле тоб мехӯрд,
Ду рӯи чун гули фасли хазонаш
Зи оби дидагонаш об мехӯрд.
Чу боди тунди саҳро гашт хомӯш,
Ба сӯи мақсадаш биштофт духтар,
Дилаш мехост гирьяд, нола созад,—
Набуд дар дидагонаш ашк дигар.
Кушода, дид рӯи кӯдакашро,
Гули шабнамзада омад ба ёдаш,
Нигаҳ мекард бо чашмони сода

Ба момои ғариби номуродаш.
Бидид ӯрою модар хандае кард,
Аҷоиб хандае, ки оҳи сардаш
Хазон овард онро ногаҳонӣ
Чу гулро офати боди хазоне.
Ҳамин сония чун оташ дилаш сӯхт,
Ту гӯӣ, дар дилаш море даромад,
Ба замми дарду ранҷу ноумедӣ
Ба рӯи ӯ балои дигар омад.
Назар андохт, модар дид бо зӯр
Сиёҳӣ мекунад як беша аз дур,
Ба назди беша якто хонае буд,
Ягона хонаи беоташу нур.
— Биё рафтем, ҷонам, шом омад...
Ҳамин шабро дар он ҷо рӯз созем.
Агар дарро ба рӯи мо бибандад,
Чӣ чора? Нотавону бениёзем.
Ба беруни дари ӯ менишинем,
Ки то имшаб, азизам, рӯз гардад,
Намедонам, ки баъд аз мурдани ман
Чӣ сон рӯзи туи берӯзӣ гардад?
Куҷо хобию кай хезӣ зи хобат?
Кӣ бидҳад ҳар пагоҳӣ нону обат?

Магар дар хонаи сагҳо бихобӣ?
Сагон гирандааанду тездандон,
Вале дар бовафоӣ бовафоянд,
Хиёнатро намедонанд онон.
Сагон кай мекунанд таҳқиру хорӣ
Туро, фарзанди поки одамиро.
Фиғон аз дасти одамҳои ғаддор,
Маро аз зиндагӣ карданд безор!

**IV**

Ситода тӯсҳо монанди пирон,
Ба рӯи кӯҳу андар домани он.
Ба поён оби наҳри беқароре,
Ба соҳилҳои дарьё бешазоре.
Зи сардӣ ях намуда оби дарьё,
Ту гӯӣ, ки рабуда хоби дарьё.
Ба рӯи наҳр бӯрон мекашад оҳ,
Ба сӯи наҳр печон мебарад роҳ.
Ба поён наҳр ҳамчун ҷӯи шир аст,
Ба боло меҳр монанди фатир аст.
Наметобад чизе дар пеши чашмон,
Фақат ҷангал барорад гоҳ афғон.

Ба сар бардошта барфи заминро,
Занад бар рӯи ҷангал бод фарьёд.
Шамол аз барф дар саҳрои холӣ
Намуда мавҷҳои бахр эҷод.
Ба ҷангал бешабон мехост рафтан,
Вале рафтан ба он ҷо нест осон.
На одамро, на оламро бибинӣ.
Чунон пурзӯру пуршӯр аст тӯфон.
— Ана боду мана бӯрон, Ничипор!
Ба хоби шаб равӣ акнун ба беша!
Нигаҳ кун! Одамон. Онҳо кӣ бошанд,
Дар ин бевақтӣ ҷӯёи чӣ бошанд?
Магар бечора, корафтодагонанд,
Дар ин рӯзи сияҳ гаштанд сарсон?
Ва ё ки москалон бошанд онҳо,
Ки меоянд ин сон аспто̄зон?
Қатерина чу бишнид ин суханро,
Ба сад уммед зуд аз ҷой барҷаст.
Ба атрофаш назар нокарда духтар,
Бадар рафт аз дару дарвоза бошаст.
Бувад Москва дар ҷону дили ӯ,
Бувад ин ҳарф дар обу гили ӯ.
Ба рӯи барф бо поҳои урьён
Ба истиқболи ёраш буд тозон.

Бидид: аз дур як фавҷи калоне
Чу як тан бо низоми зӯр ояд.
Ана наздик шуд, наздиктар шуд,
Ки рӯю мӯи онҳо менамояд.
Бидид андар сафи пеши саворон
Умеди хештанро, ёри худро.
— Азизам, Ваняам, ҷонам фидоят,—
Бизад фарьёд ӯ дилдори худро.
Давиду дошт маҳкам аз лаҷомаш.
Умеди охиронаш, ёри ҷонаш,
Накард аммо ба сӯи ӯ нигоҳе.
Худовандо, аз ин офат паноҳе!
Иван медод маҳмез аспи худро,
Намедод аз кафаш духтар инонро,
— Азизам, дорӣ ту кори шитобе?
Маёзор одами бехонумонро.
Ва ё кардӣ фаромӯшам ба соле,
Манам ёрат — Қатерина, назар кун,
Ки бахшидам ба ту ҷону танамро,
Ягона ганҷи поки махзанамро,
Гуламро, накҳати бӯи гуламро.
Зи оҳи ман, зи ашки ман ҳазар кун!
Иван ин лаҳза гӯё кӯру кар буд,
Ки аз зории духтар бехабар буд.

— Бихӯр раҳми маро, эй соябонам!
Ба чашмонам нигар, дармони ҷонам,
Ки ду чашмам назаргоҳи ту гаштаст.
Маро нашнохтӣ, бо чашми дил бин,
Худо ҳозир, ки ман ёри ту ҳастам...
Магардон рӯй аз ман, гир дастам.
— Бирав, эй беҳаё, аз пеши роҳам!
Бизад фарьёд, к-ӯро дур созанд...
— Худовандо, маро партофт, эй дод!
Зи дасти бевафой оҳу фарьёд!
Қашидӣ даст аз он домани пок,
Ки дар он кӯдаки ту сар ниҳодаст.
Намудӣ паст номи духтареро,
Ки накди ҷони худро бар ту додаст.
Барои хотири тифлат маёзор,
Ки ман чӯрии даргоҳи ту гардам.
Ба роҳ афтодаям, аз роҳ бардор,
Ки ман гарди сари роҳи ту гардам.
Маро партой, аммо кӯдакатро
Макун дармондаи бехонаю дар.
Қаме исто, ки ман ӯро биёрам,
Бубин ӯрою пас бинмой бовар.
Қатерина ба сӯи хона биштофт,
Бурун овард кӯдакро шитобон.

Ба модар тифли бепарпеч он дам
Нигаҳ мекард бо чашмони ҳайрон.
— Ана бингар, азизи ман, писарро!
Қанӣ ту дар кучой, эй худованд,
Зи кӯдак рӯй он берӯй гардонд,
Ману тифли маро дар хок афканд!
Чӣ созам чораи бечорагиро?
Чӣ дармон аст дарди бедаворо?
Шумо, эй москалон, гиред бо худ.
Баред ин тифли хори бенаворо!
Намонедаш, ки ин ҷо зор гардад.
Баред ӯро, ки авлоди шумо аст.
Ба ҳолаш раҳм бинмоед, охир,
Ки ӯ мӯҳтоҷи имдоди шумо аст.
Гунаҳгорам, гунаҳгори азиме,
Ба назди ту, аё бечора фарзанд!
Қалон шав, таънасори халқи олам,—
Бигуфту тифлро бар хок афканд.
— Биҷӯ акнун, писарҷонам, падарро,
Ман акнун ёфтам роҳи дигарро!
Чу модар ҷониби дарьё равон шуд.
Ба рӯи барф кӯдак монд танҳо...

Миёни барфҳо ғалтону хезон,
Кунун ӯ ҷониби дарьё равон аст,

Ба роҳи охират ҳамроҳи духтар
Дуою нолаю оху фиғон аст.
Расида бар лаби дарьёю истод,
Ду дасти хешро бар сина бинҳод:
Худовандо, пазиро рӯҳи покам,
Пазиро, наҳр, ҷисми пургуноҳам.
Баромад ногаҳон аз об афғон,
Ба як сония ӯро кард пинҳон.

Қатерина пас аз андӯҳи бисьёр
Ба қаъри оби дарьё ёфт ҷояш.
Шамоли сахт мебардошт ин дам
Зи рӯи барфи саҳро нақши пояш...

V

Равон буд сӯи Киев кобзари пир,
Қатораш баччаи абрӯсиёҳе.
Зи чашмони кабуди модари ӯ
Ҳамедоданд чашмонаш гувоҳӣ.
Зи ҳар сӯяш ҳамоил халтае чанд,
Сари роҳе нишаста бо сари хам.
Ба пинак меравад ӯ гоҳ-гоҳе,
Занад аз хоб чашмонаш сиёҳӣ.
Ва кобзарь бо садои ҳузн-овар

Суруди васфи Исоро сарояд,
Кунад бахшиш бар онҳо халоиқ
Қасеро, ки чизе аз даст ояд;
Қалонон назди кобзарь мегузоранд.
Ҷавонон бар писарча месупоранд,
Зи ҳоли ӯ ба ҳайрат духтаронанд:
Ки он бечора урьёну хароб аст,
Чӣ чашмони калони хуб дорад.
Барои ӯ чизе додан савоб аст.
Варо модар аҷаб хушрӯй зодаст,
Вале афсӯс, ки толеъ надодаст!

Карети пуршукӯҳе бо каруфар
Ба сӯи шаҳри Киев раҳсупор аст,
Дар он оилаи олимақоме
Ба нозу савлати афзун савор аст.
Қарета омаду ногоҳ истод
Ба назди он ду тан оворагардон.
Ивась биштофт бар сӯи карета,
Зи тиреза ба онҳо даст-афшон.
Зани барнои хушрӯю накӯе
Зи тиреза ба Ивась танга партофт.
Ҷаноби пан ба Ивась як назар кард,
Чӣ шуд, ки ногаҳон ӯ рӯи худ тофт.

Ҷаноби пан магар аз ӯ ҳазар кард.
Варо куштанд қошони сиёҳаш,
Варо бишнохт аз рӯи нигоҳаш.
Бубин бемеҳру нолоиқ падарро,
Намехоҳад, ки бардорад писарро.
Пас он хоним аз ӯ пурсид номаш,
— Ивась — гуфто.
— Аҷоиб тифли зебо!..
Ҳамин дам аспҳо ҷастанд аз ҷо,
Ғубори роҳ пӯшид рӯи онҳо...

*с. 1838, Петербург.*

## ЧӮРӢ

*Дебоча*

Як саҳаргоҳи рӯзи якшанбе
Рӯи саҳро фаро гирифт туман.
Чун ниҳоле, намуд қомат хам,
Дар туман, рӯи кӯрғони нуҳан
Нозанине, ҷавону маҳзуне
Ким-чиро пахш карда бар сари дил,
Навҳае дошт ғуссаманду хиҷил:

«Эй туман, эй ҳавои тираву тор,
Ту нишони сиёҳбахтии ман!
Аз чӣ пинҳон надориям ин дам,
Аз ҳуҷуми ғаму фишори алам?
Аз чӣ бо зарбате намекушиям,
Дар таҳи хок ё намекашиям?
Аз чӣ ғам доимо насиби ман аст,
Заррае ҳам накардӣ онро кам?
На, маёзор, эй сафед туман!
Дор пинҳон маро ба саҳроҳо,
То набинад, нафаҳмадам шахсе,

Мон, ниҳон бод ҳасрати дилҳо!..
Нестам тоқа: модару падарам
Ҳар ду дар хона чашм дар раҳи ман...
Ҳаст манро... аё сафед туман,
Додари меҳрубон, дилогаҳи ман!..
Ҳаст тифле салибнодида,
Тифлакам, пораи дилу ҷигарам!
Ғусли таъмид дода натвонам
Ман туро, ҷонакам, чӣ бадбахтӣ.
Дигарон медиҳанд ғусл туро,
Ман наёбам хабар ягон вақте,
Чист номат, надонам... эй тифлам!
Ин туӣ давлату саодати ман...
Ту маҳон лаънатам! Дуо гӯям,
Бо дили зору ашкҳои қатор
Аз худои карим меҷӯям
Бахту иқболи неки ту ҳар бор!»

Буд равон зор-зор гирьякунон,
Гашта пинҳон миёни тира туман,
Гоҳ-гоҳе зи байни ашку фиғон
Дошт оҳиста замзама маҳзун,
Ки чӣ сон бева дар Дунаи кабуд
Кӯдакони худаш ғариқ намуд:

«Аз теппаи қабристон
Бевазане буд равон,—
Он ҷо мегашт, сайркунон,
Гиёҳи заҳрро ҷӯён.
Гиёҳи заҳрро наёфт,
Худаш ду писарча ёфт.
Ҳарду ба рӯмол печонд,
Назди Дунай ин шеър хонд:
«Дунаи тинҷу ором!
Тифлони ман биёром.
Реги такшон, қабул кун
Ин тифлакони маъсум!

Ором кун, серӣ хӯрон,
Пас, болошон бипӯшон!»

I

Чолу кампир шод мезистанд.
Дар бари марғзори кӯҳнаработ
Ҳарду умри дарози худ бар бод
Дода тинҷу беташвиш,
Чун ду тифли бо ҳам хеш.
Дар ҷавонӣ чаронда баррачаҳо,
Роҳиб никоҳашон кард,
Рамма нигоҳашон кард.
Қитъаеро ба даст овarданд,
Дар чаманзор ору парварданд.
Ҳам хариданд осиёб —
Боғи зиндагӣ шодоб.
Рӯи тифле нишон надода худо,
Марг дар остон ба чашми ало.

Кӣ ба пирӣ кунад саровонӣ?
Кӣ писар мешавад ба беписарон?

Қист гирьяд ба рӯзи мурданашон,
Рӯҳи онҳо кӣ шод бинмояд?
Ин дару хона, чизу чораю мол,—
Ҳссили ранҷҳою кори ҳалол
Аз кадомин сафедбахт шавад?
Қист миннатпазири ин мерос,
Ҳамчу фарзанд ҳаққу некишинос?..
Сахт бошад расондани атфол
Дар гилин кулбаҳои вайрона.
Лек аз он сахттар бувад моро
Андар ин кулба, на, ки ғамхона.
Пир гаштан, ҳам ин накӯ манзил,
Бо замини васеи хушҳосил,
Васият кардан аз барои касе,
Ки фурӯшад, хӯрад ба коми дил.

II

Рӯзи якшанбею кушода ҳаво,
Назди кулба нишаста бо кару фар
Пираҳанҳои идишон дар бар
Чолу кампир. Офтоб ба тоб.
Мисли ҷаннат, ҳама тараф рахшон,
Дар само не зи абрпора нишон!

Лек дар кунҷи дил ғаме пинҳон,
Ҳамчу ваҳшӣ ба бешаи анбӯҳ.
Дар чунин ҷаннати сафо, аз чӣ
Дили пирон зи ғусса шуд маҷрӯҳ?
Ё ягон андӯҳу ғами дерин
Зинда шуд андар ин макон аз нав?
Ё хамӯшгашта дар қарибиҳо
Гашт зоҳир ҳамин замон аз нав?
Ё ғами тоза рӯзи ҷаннатро
Бо дами оташаш гирифт фаро?

Ман надонам, дар остон шишта,
Аз чӣ ғам мекашанд, ё ин ки —
Ин ду тан рафтанӣ ба он дуньё,
Асп кӣ бар ароба қӯш кунад,
Роҳи беохирест аз онҳо?

«Настя, дар гӯрамон кӣ хобонад,
Чун бимирем?»
«Оллоҳ акбар!
Ман ҳам андеша доштам инро.
Оҳ, ҷонам, чӣ сон алам-овар:
Умр дидем мо басе танҳо...
Баҳри кӣ ҳифз карда

Ин сарват?..»

«Сабр!

Овози гирьяи кӯдак,
Ҳо, шунидӣ, зи пушти дарвоза!
Қу-битозем!.. Ана, кампирҷон,—
Шод шуд дил зи муждаи тоза!»

Шоду хуррам зи ҷой барҷаста,
Сӯи дарвоза... Чист пеши назар—
Дидаву лаҳзае шуданд хамӯш.
Рӯ ба рӯ — назди остонаи дар
Тифли парпеч —
Суст печонда;
Дурраи мӯин аст парпечаш.
Оҳ, бечора модари дилсӯз,
Гарчи имрӯзҳост фасли тамуз —
Додааст охирин бисоташро!..
Пиру кампир хуш назар карда,
Пас, ибодат ба ҷой оварданд.
Тифли масъуд даст бар карда:
Гӯиё илтиҷо кунад, мискин,
Рӯй оварда сӯи ин пирон,
Рӯи маъсум... пас хамӯш гардид,
Гӯиё гирьяро надонад он,

Лек ҳиққас занад.

«Қанӣ, Настя?

Гап зан, охир, кунун ба чӣ ҳолӣ?

Мо аз ин баъд бахтьёрастем!

Ана тақдиру инак иқболе!

Бош ҳушьёр, чашми бад нарасад!

Тифлро гиру ҷо дар оғӯш деҳ,

Бар ба кулба, ки ман ба шаҳр давам,

Баҳри ғуслаш...»

Аҷаб, чӣ фоле беҳ,

Шавад ин тавр ҳам миёни мо!

Он як аз рӯи тифл дар нанг аст,

Дур меронад аз канори худ,

В-он дигар мӯканону мӯясаро,

Рехта ашки шашқатори худ

Яхтаҳак шамъро фурӯзонда,

Мениҳад дар бари бути сангин —

Нест фарзанд!.. Эҳ, аҷаб ҳаст ин,

Шавад ин тавр ҳам миёни мо!

III

Эй хушо, омаданд якбора

Аз калисои шаҳр роҳибҳо.

Ғусл додандашу дуо карданд,
Ном Марко бишуд ба тифлаки мо.
Марко ҳар соате калон гардад,—
Пиру кампир ҷон намуда нисор.
Бар замин гар ниҳанд, гард он ҷост,
Рӯи дастон биёбад ӯ озор.
Маркои шӯх гашта яксола.
Гови дӯшои аз фароғат шод,
Шикамаш серу оғилаш гармак.
Рӯзе абрӯсиёҳ по биниҳод
Бар сари остонаи онҳо.
Ӯ чӣ сон нозанини дил-ошӯб,
Ростӣ, худ париваше маҳбуб.
Омада, кор ҷуста з-ин даргоҳ,
Хоста хайри хонадони саҳо.
«Хӯш, Настя,— бигуфт,— мегирем!»
«Ҳо, Трофим,— зарур ӯ бар мо,
Баски мо пиру нотавон ҳастем,
Низ кӯдак ба зери боли мост.
Гарчи андак калон шудаст Марко,
Лек лозим барои хушку тараш
Дояе бар нигоҳубин ҳоло».
«Рост гуфтӣ, зарур ӯ бар мо;
Умри ман баргузашт, шукри худо,

Бо ҳама ранҷу меҳнати душвор,—
Рафт бар бод. Хӯш, чӣ мепурсӣ
Музди корат зи даргаҳи моён,
Гӯй, азизам?» — «Ҳар он чӣ хайр кунед».
«На, чунин байъи мо хатои калон!
Ин, ки музде барои хизмати туст,
Музди ранҷу азобу заҳмати туст.
Гуфтаанд: он кӣ бе ҳисоб зиҳад,
Дида хорию пур-азоб зиҳад.
Гар ҳамин матлабат, аё гулакам:
Мо ки ҳоло на ошнои туем,
На ту-бо мо. Биё, ба кулба даро,
Зиндагӣ медиҳад баҳои туро.
Ана сонӣ кунем шарту байъ,
Бо ту аз рӯи меҳнатат, маъқул,
Духтарам?»
«Хайр, ман ризо ҳастам!»
«Қадами неки ту ба чашм қабул».

Шуд забон як. Нигори навраста
Бо тарона саҳаргаҳон ҷаста.
Гӯиё гаштааст арӯси пан,
Дар тасарруф намуда кишту чаман!
Медавад аз дами саҳар то шом.

Гаҳ сӯи киштзору гаҳ хона,
Гаҳ паи сер кардани молон
Ганнаҷон беқарору мастона;
Тифл чун шамъу вай чу парвона;
Рӯзи корӣ, чи рӯзи якшанбе
Оббозӣ бидорадаш нав-нав,
Ҳамчу модар, ки меҳрубонона
Қуртаи тозае бипӯшонад,
Ба танаш вақти хобаки роҳат.
Бозича сохта диҳад ҳар хел.
Рӯзи идаш зи даст нагзорад.
Чашм бар чашми шӯхи ӯ дорад.
Мӯсафедон ба ҳайрат афтода,
Саҷда бар офаридгор кунанд...
Хоб бар чашм роҳ нодода,
Дар шаби тор бо ҳазор забон
Ҷӯрӣ аз сарнавишти бад нолон,
Бо дили хун гириста зору низор;
Нест воқиф зи ҳоли ӯ як ҷон.
Ҷуз ба Марко намениҳад кас гӯш,
Ӯст хурду нафаҳмад ин асрор.
Аз чӣ бо ашкҳои чун селоб
Маркоро шустушӯ кунад ҳар бор.
Бӯса бар рӯи чун гулаш дода,

Бахри чӣ мекунад ибодатҳо.
Худ намехӯраду наменӯшад,
Маркоро сер мекунад ҳар гоҳ.
Вай нафаҳмад. Ба нимаи шабҳо
Паҳлу гашта, агар шавад бедор,—
Вай ҳамоно ҷаҳад зи ҷои хоб,
Як салибаш кашад, паси девор,
Алла гӯяд, диҳад ба вай роҳат.
Лаҳзае гӯш медиҳад хомӯш —
Қ-ӯ чӣ гуна нафас барорад хуш.
Ҳар пагоҳӣ ду дасти кӯчакро
Марко ёзонда сӯи Ганнаи шод,
Бо табассум, табассуми ширин
Хешро сӯи ӯ ҳаво медод...
Маънии лаҳҷаааш намедонад,
Лек ҳар рӯз «оча» мехонад.

## IV

Бигузаштанд солҳои зиёд,
Об ҷорӣ шуда зи ҷӯи ҳаёт.
Ғаму андӯҳ дар работ омад,
З-он басе ашкҳо ба домон зад.
Кампирак Настя аз ҷаҳон рафта,
Трофим дил ба доғи ӯ тафта,

Саҳл буд пои ӯ билағжад, лек
Навбати бад гузашту —
Омад нек.
Даври осоишу сахою фароғ
Аз миёни гулони бешаю боғ,
То ки дар кулбаи Трофимбобо
Истироҳат кунад ба кайфу сафо.

Аллакай Марко ҷӯрабоз шудаст,
Тирамоҳон ба шаб намехобад
На ба кулба, на дар макони дигар —
Шояд ӯ номзад ба худ ёбад!
Дар тафаккур бимондааст Трофим,
Маслиҳат хостаст аз Ганна!
Бале аз доя, он зани дилшод
Хостгорӣ ба духти шоҳона
Мефиристод, агар ба майлаш буд:
«Марко табъи дилаш бигӯяд гар,
Хуб, зеро ки ӯ накӯ донад».
«Ростӣ, духтарам, ки ин беҳтар,
Сонӣ он ҷонибаш тани моён».

Пурсуҷӯ карда хонаи духтар,
Хостгорон ба раҳ даровардаид.

Намаку нони гарму суфи сафед
Хостгорон ба худ биёварданд.
Номзад ёфтанд панхоним,
Аз яке хонадони давлатманд,—
Он қадар нозпарвару дилбар,
Ҳаст ҳатто, ки лоиқи гетман.
Ана эҳсону шафқати яздон.
«Ман ба ҷони шумо балогардон,
Сад ташаккур! — бигуфт мӯйсафед.—
То ки мо корро диҳем анҷом
Бо хушу хуррамӣ, ба амри хайр,
Ғайрате, эй касони некӯном,—
Баҳри ақди никоҳашон. Инак:
Кӣ нишинад ба паҳлуи домод —
Ҷои модар? Чу нест Настасья!..»
Баъд бардошт нолаю фарьёд.
Дояи шӯрбахти лолу забун
Даст монда ба чӯби паҳлударӣ,
Ҷо ба ҷо шах шуда хамӯш будӣ.
Ҳама хомӯш, бе пичир-пичире.
Худ ба худ гуфта доя айни замон:
«Қист модар ба паҳлуи онон!...»

V

Даргузар вақт. Фавҷи духтаракон
Бо хамиру фатирпазӣ машғул.
Деҳа дар шодию сурӯш, оре,
Мӯсафед аз фараҳ шукуфта, чу гул.
Гоҳ рақсида бо ҳавои тараб,
Рақсро бурданӣ зи духтаракон.
Гаҳ ба дасташ сатилу гаҳ ҷорӯб,
Раҳгузарро намонда ӯ бо ҷон
Аз маи дастиаш бинӯшонда,
Даъваташ мекунад ба тӯи калон.
Дар такудав бувад, вале поҳош
Худи ӯро базӯр бардоранд.
Рӯи ҳавлию кулба пурғавғо,
Тӯйхӯрон ба хандаю мастӣ.
Хуми май давр мезанад паи ҳам,
Ваҳ чӣ хуш, аз заминкани пасте.
Бипазанду хӯранду нӯш кунанд...
Ҳама бегона, аз худӣ не кас.
Дар куҷо Ганна? Ӯст дар Киев,
Рафта баҳри ибодати ақдас.
Илтиҷо кард мӯсафед ӯро,
Марко бо оби дида хоҳиш кард
Бинишинад бараш чу як модар.

«Не, азизам! Чӣ хел мешудааст!
Чӯриям, охир, ин на аз одоб,
Қи нишинам ба фахру нозу ғурур
Паҳлуи наварӯсу домодам...
Нашавам хандазори ҳар тӯйхӯр.
Ё худо! Дастгири йнҳо бош!
Меравам бар ибодати покон
Сӯи Қиев, даме ки баргаштам,
Гар наронед, хизмати шоён
Боз ҳам аз самим хоҳам кард.
Чун ҳанӯзам бувад мадору тавон,
Беҳ, ки меҳнат кунам...»
Зи меҳру вафо
Маркоро Ганна нек фотиҳа хонд».
Шуд нафастангу бо дили пурсӯз
Покашон рафт пушти дарвоза.

Тӯй сар шуд ба сад навою суруд,
Гарм бозори мутрибу раққос,
Ҳама чо занги айшу нӯш баланд,
Май чу дарьё барои ому хос.
Ганна он гаҳ ба кӯи навмедӣ
Қалавида, ба сад шиканҷа равон.
Ӯ ба Қиев расида, хизмат кард,

Ба дари бойзан гирифта макон.
Мекашонд обу ҳавлияш меруфт,—
То бируяд аз ӯ ягон танга.
Аз барои ибодати ақдас
Буд мӯҳтоҷи зори он танга.
Аз азон то намози шом асло
Нагирифта даме, кашонид об.
Чанд пули сияҳ ба каф овард,
Шуд сипас ҷониби дукон ба шитоб,
Бихарид аз барои Марко кулоҳ
Аз Ивани муқаддаси ҳушрой.
З-ин кулоҳи табаррукаш сардард
Нашавад ҳеҷ Маркои барной.
Ҳам зи Варвара якта ангуштар
Ёфт баҳри арӯси зебояш.
Пас, ба қулли муқаддасон таъзим
Дода, роҳӣ бишуд ба маъвояш.

Боз омад. Қатерина, Марко
Пешвозаш баромаданд ба дар.
Бурда ӯро ба манзили равшан,
Боз карданд хони нуқлу шакар;
Вақти ӯро зиёфате додан

Аз Киев пурсуҷӯйҳо карданд.
Гоҳи хуфтан Катерина андохт
Баҳри ӯ ҷойгоҳи нарму баланд,
«Аз чӣ онҳо маро парасторанд?
Аз чӣ бо ман муҳиббу дилдоранд?
Эй худованди марҳаматпеша,
Ё ки аз сирри ман хабар доранд...
Ё ки пай бурдаанд чизеро...
Не, надоранд ҳеҷ ҳам пайхас —
Лутфкоранду бас...»
Ва Ганна сипас
Дод инони фиғону нола зи даст.

## VI

Се карат оби ҷӯйҳо ях баст,
Се карат об шуд яхи онҳо;
Се карат ҷониби Киев ҷӯрӣ
Рафту Катря гусел кард ӯро,
Ҳамчу модарш. Бори чорӯмин
Бигуселонд то дами қӯрғон,
Рӯи саҳрои хушку беборе.
Ба худо зорие намуд аз ҷон,
То ки вай зуд бозгашт ояд,
Ҳавлӣ, охир, тамом ҷӯл шудаст,

Гӯиё, модараш бадар рафта,
З-ин сабаб Қатря малӯл шудаст.
Рӯзи якшанбе, баъди Пречистий —
Баъди Успенья, бобо Трофим,
Ҷома пӯшида, низ куртаи нав,
Назди кулбааш менишаст ҳалим.
Дар бараш мебозид бо сагбача
Наберачааш, пӯшида ба бар
Пироҳани Қатря, ба дидори
Бобо омадаст. Хандида шакар,
Бо набера дошт бобо гуфтугӯй,
Ҳамчун бо як навраста парирӯй:
«Ку, барои ман дастовези ту?
Ё дар роҳ касе чанг зад аз дастат?
Ё гирифтанро кардӣ фаромӯш?
Ё напухтӣ хӯроки балаззат?
Ин хел намешад! Хушрӯи бобо!..»
Назар андозед! — чӯрӣ даромад
Аз дарвоза. Бо пир набераҳо

Бипариданд сӯи Ганнаашон...
«Дар куҷо Марко?» — бо басе ҳаяҷон
Ганна мепурсад аз Трофим зуд.
«То ба ҳоло ба роҳ бошад он»
«Шудаам сахт хастаю ранҷур,

Омадам то ба хона бо як зӯр.
Дил нахоҳад диёри бегона,
Тан супурдан ба хоки тираи он.
Қошки, Марко зуд меомад...
Ногаҳон дар дилам алам афзуд!» —
Баъди ин гап зи бӯғчаи роҳаш
Бачагонро ба тӯҳфа шод намуд.
Ҳам ақоним [1] ва ҳам салибчаҳо,
Низ марвориди гуногунранг
Ба Яриночка, низ зарварақӣ
Мутабаррик ақоними хушранг;
Мурғакони гилин ба Қарп бидод,
Низ як ҷуфт аспи масту даванд.
Ба Қатерина чорӯм ангуштар
Буд зи Варвараи мақомбаланд.
Баҳри бобо ду даста шамъи сафед
Чун рамузи табаррукот овард.
Чиз н-оварда бар худу Марко,
Баски пулҳош норасоӣ кард.
Гарчи мехост хушк нагзорад,
Лек қувват зи дасту по рафтаст.

---

[1] Ақоним — ҷамъи уқна, сурати худо.

«Дар кучҷои саноч пинҳон шуд
Нимта кулча!»
                                Биёфту бишикаст,
Дод даррав ба кӯдакон онро.

## VII

Ӯ даромад ба хона. Қатруся
Ҳарду пои варо ба тоза бишуст.
Баҳри хӯроки пешинӣ ӯро
Назди ҳон чеғ зад, валек наҳуст
Ганнаи мафлуку хароб аз вай
Як саволе намуд —
                                «Якшанбе
Қай?» — Қатерина посух ин сон дод:
«Баъди як рӯз».— «Оварам дар ёд,
Хатм бахшидан аз барои савоб,
Бахши мушкилкушо Николаи мо,
То ки пеши раҳаш кушода шавад,—
Марки мо бедарак шудаст чаро...
Эй худо, дар паноҳи шафқат дор,—
Ё ки бемор шуд ба роҳи дароз,
Бозгаштан наметавонад ё?»
Ашки чӯрӣ чакид, аз ҷо хост

Бо азобею баъд рӯй овард
Ба сӯи наварӯс:
«Қатерина!
Ман на онам, ки будам аз ин пеш:
Қанӣ он зӯру тоби дерина,
Сари по ман базӯр мехезам.
Сахт бошад ба зери боми касе,
Маргро гаштан интизор басе».

Дояи тирабахт аз по шуд.
Эй басо куффу суфру хайру дуо
Бар сари пиразан ҳамехонанд,—
Ҳеҷ суде набахшаду на даво!
Назди кулба Трофим афсурда,
Бо алам рафтуо кунад беист.
Ҳам Қатерина дар бараш доим,
Як қадам дар ҷудой аз вай нест;
Рӯзу шаб чашм барнамедорад
Аз рухи Ганнааш Қатерина.
Хабари нохуше диҳад пурҳавл
Шому бегоҳ чуғзи вайрона.
Ҳоли бемор як нафас беҳ не,
Сӯхта андаруни оташи таб,
Доимо медиҳад савол чунин:

Эй Қатерина, духтари ширин!
То ҳанӯзам дарак зи Марко нест?
Оҳ, агар мерасам ба дидораш,
Зинда бошам, ба пои ӯ мирам,
Он дам аз сина дур мешуд ғам».

## VIII

Марко бо ҷӯраҳои масрураш
Роҳ тай мекунад таронасаро,
Бе шитобе, чаронда барзгавон,
Гоҳ сар дода аз юғ онҳоро.
Бар Қатерина, Марко тӯҳфа харид
Моҳути бас гаронбаҳои нафис,
Як камарбанди сурхшероза
Ҳадьяе аз барои мӯйсафед.
Сурхрӯмол баҳри Ганнаи пир,
Ки зеҳаш буд сафеди раҳ-раҳдор,
Низ ӯро барои ҷойнамоз
Чанд газ аз матои зарҳалкор.
Кӯдаконро ягон-ягон мӯза,
Ранга-ранга зи ангуру анҷир.
Аз барои ҳама ҳамеорад —
Аз маи сурхи Царьград ҳозир,

Ҳа, ягон се сатил меоянд,
Боз тухми маҳӣ зи соҳили Дон,—
Тӯҳфа меораду намедонад
Чист аҳволи хонаи онон.

Марко хурсанд, несташ ғами дил,
Омад, омад — бале, худоро шукр!
Боз дарвоза мекунад шодон,
Бӯса дода ба остон бо шукр!
«Ҳо, шунидӣ, Катерина?
Омад
Марко! Дав, пешвоз гираш зуд.
Гӯй, ҷонам, ки бошитоб оянд!..
Шукри беҳад ба даргаҳат, Исо!
Интизорӣ кашидаам бо зӯр!» —
«Эй худои раҳим» — оҳиста
Ҳамчу дар хоб, гуфт ӯ масрур.

Юғи пурнақши гардани говон
Баркушоду гирифт мӯйсафед.
Шавҳарашро кашида дар оғӯш
Қатруся.
«Ганна дар куҷо? Гӯед,

Чун бувад холи ӯ, напурсидам...
Зинда оё?»
«Бале, бувад зинда,
Чашмаш аз интизори роҳи шумо,
Ростӣ ҳам, қариб шуд канда.
Зуд тозед, бо ароба падар
Ҳаст машғул. Марко, кайҳо боз
Ӯ шуморо зи ман ҳамепурсад»

Марко бо Қатря рафт дар он ҷо,
Дар сари остона истода
Музтариб... Ганна зери лаб мехонд:
«Шукри беҳад... ба шафқати Исо!
Ку биё, Марко... Ҷонакам, Қатря,
Ту ба берун баро, азизаки ман:
Ман ба ӯ як даҳан сухан дорам,
Ҳар чӣ донам, бихоҳамаш гуфтан».

Қатря оҳиста берун аз дар шуд.
Зуд Марко ба назди бистари ӯ
Рафту сархамкунон хамӯш истод.
Ганна бикшод лаб ба гуфтугӯ:
«Марко, бар рӯи ман нигар камтар,
Бин, азизам, чӣ сон адо шудаам.

Ман на чӯрӣ, шунав ба гӯши худат,
Ман...»
Бигуфту биёрамид он дам.

Марко гирьён шуду вале ҳайрон,
Боз чашмони ӯ кушода шуданд.
Нигариста баҳасрату маъюс —
Ҷӯшиши ашкҳо зиёда шуданд.

«Гунаҳам бахш. Зиндагӣ кардам
Ман ба даргоҳи шахси бегона...
Гунаҳам бахш... оҳ, эй писарам,
Модари зори ту манастам, ман».
Гашт сокит...
Қарахт шуд Марко,
Раъшаафкан шуд осмону замин,
Чашм бикшод ҷониби модар —
Рафта модарш хобаки ширин.

*13 ноябри с. 1845. Переяслав. (1860)*

## САФЕДОР

*Баллада*

Шамоли беқарор аз рӯи беша
Бароянд сайр дар ҳомуну саҳро,
Занад бо шаст бар рӯи сафедор,
Сафедори ғарибн зору танҳо,—
Қади болою барги реза дорад,
Сари сабзу тани симин-сафеде,
Миёни дашт истодаст танҳо,
Ба мисли нозанини ноумеде.
Ба ҳоли ӯ дили деҳқон бисӯзад,
Агар чӯпон биёяд дар таги ӯ,
Барорадончунон сӯзею созе,
Ки най аз нолаи чӯпон бисӯзад.
Ба назди ӯ на гул рӯяд, на сунбул,
Дар ин саҳрои ғам ёре надорад,
Ба монанди ятими бекасу кӯй
Ба олам ҳеҷ ғамхоре надорад.
Ба ӯ ин бахти вожунро кӣ додаст?

Чаро рӯзи сиёҳ гардида ёраш?
Қунедам гӯш, духтарҳои барно,
Ҳамин афсона бошад ёдгораш:

Замоне духтари соҳибҷамоле
Ба ҷонаш бо казак хушдор гардид,
Қазак рафту рабуд ороми ҷонаш,
Ба ӯ не ёр, кулфат ёр гардид...
Агар донад, ки ӯро мегузорад,
Қазакро ҷой андар дил намедод,
Чу донад, ки ба яздон месупорад,
Қазакро роҳ дар манзил намедод.
Агар донад, намози шом, бевақт
Барои об ӯ танҳо намерафт,
Ба зери бедҳо то нимаи шаб
Намеистод, ҳам беҷо намерафт.
Агар донед, духтарҳои зебо:
Сабукрафторӣ расвой биёрад.
Чӣ ғурбатҳо, ки бошад дар раҳи ишқ,
Ки ҳар коре зи пай инъом дорад!
Аз ин гапҳо маро дигар напурсед!
Ба амри дил раведу дӯст доред,
Ки бо ҳасрат дили пур-орзӯро
Ба хоки тира охир месупоред.

Қи то маҳшар ба тори зулфу абрӯ
Намемонад, намемонад сиёҳӣ,
Қи як-умрӣ ду рӯи нарму нозук
Наметобад чу садбарги пагоҳӣ.
Қи ҳусни гул фақат то ними рӯз аст,
Қи ранги рӯю абрӯ нест ҷовид;
Ба ҳусни ҷовидонӣ нест уммед,
Аз ин рӯ дар ҷавонӣ дӯст доред!

Миёни беша дар шохи калина
Намояд андалеби маст ғулғул,
Қазак аз байни водӣ мешитобад,
Суруди шӯх мехонад чу булбул.
Бараояд духтарак аз хона берун,
Қи ӯро боз дар оғӯш гирад.
— Туро модар назад? — пурсида ёраш,
Мукофоте зи лаъли нӯш гирад.
Дар оғӯши муҳаббат гашта яктан,
Хушу сармаст аз овози булбул,
Вале охир ҷудо гаштанд ёрон,
Дили онҳо шуда ҳамрози булбул.
Намебинад касе дилдодагонро,
Намепурсад. касе аз кору бораш,
Намегӯяд, куҷо будӣ, чӣ кардӣ?

Худаш медонаду маҳтобӯ ёраш.
Дилаш аз ишқ гоҳе суст мешуд,
Дили паймонаи ишқи ҷавонаш,
Гаҳе медод аз чизе гувоҳӣ,
Вале накшод ин сирри ниҳонаш.
Нагуфту оқибат дар синаи ӯ
Қабӯтарвор танҳо метапад дил,
Қасе ҳоли дили ӯро надонад,
Чу сайде байни саҳро метапад дил.

Дигар аз бешазори соҳили рӯд
Садои булбули гӯё наояд,
Намехонад суруди ишқ духтар,
Ба зери бед шабҳо раҳ напояд.
Дили ӯ аз ғами ҳиҷрон ҳалок аст,
Дилу ҷонаш ба ғам кошона гаштанд,
Ки бе ёраш дигар хешу табораш
Ба чашми ӯ ҳама бегона гаштанд.
Барояш хандаи хуршеди олам,
Ба мисли хандаи душман намояд,
Ҷаҳон бе ёр баҳри ӯ мазор аст,
Дилаш дар изтиробу беқарор аст.
Равад солею соли нав дарояд,
Вале аз меҳрубони ӯ хабар нест,

Ба монанди гуле пажмурда мешуд,
Ба ҷуз ҳиҷрон ба ӯ роҳи дигар нест.
Напурсад модараш аз духтари зор:
«Чаро афсурдаӣ, эй ҷони модар?
Ба марди пири молу ҳолдоре
Намояд бо дили худ тӯй тайёр!
Ба шавҳар мебароӣ! — гуфт модар,—
Туро як ҷои гарме интизор аст,
Ба наздикӣ шавад номи ту бону,
Ки ӯ марди муҷаррад номдор аст.
— Намехоҳам, намехоҳам, азизам,
Зи молу ҷоҳи ӯ сад бор безор!
Ҳамон беҳ ки ба гӯре сар гузорам,
Ки гардам ҳамсари он пири айёр!
Бифармо, то ягон рӯҳонии пир
Ҳамин соат дуоямро бихонад,
Ба гӯри тираю торе бимонад,
Замин беҳтар, ки пири бедиёнат!»

Вале модар ба майлу хоҳиши худ
Амал мекард чун амри худованд,
Алам дар сина, духтар буд хомӯш,
Фиғонаш буд мисли сели дарбанд.
Шаби тору умеду ноумедӣ,

Чу фоли кампири ҷоду — ҳама тор,
Равон духтар, ки фолашро кушояд,
Хабар ёбад аз он ёри пурозор.
Расиду гуфт: Момои муқаддас,
Ҳақиқатро ба рӯи ман кушоед,
Ки ёрам кай биёяд дар канорам,
Аё момои ҷон, ёрӣ намоед.
Надонам, зинда бошад ё адо шуд,
Дили ӯ ҳаст бо ман ё ҷудо шуд?
Бидеҳ таскин, ки беморам зи ҳаҷраш,
Бигӯ, ҷони ҷавони ман куҷо шуд?
Ки охир модари номеҳрубонам
Маро фардо диҳад бар шӯи пире,
Ки ин тире бувад бар синаи ман,
Маро, момо, ту танҳо дастгирӣ.
Агар ишқу умеди ӯ намебуд,
Худамро мезадам дар қаъри дарьё,
Агар дилдодаи ман мурда бошад,
Намо коре, ки аз ин ҷо нагардам...
Диламро мебарад гурги гурусна,
Ки ҳоло модарам бо хостгорон
Кунад савдои умри кӯтаҳи ман...
Бигуфто зол:
Майлаш, хез акнун,

Амал кун, духтарам, бо гуфтаи ман.
Ғаматро нағз медонам, азизам,
Ба мисли ту ҷавон будам замоне,
Гузашту рафт айёми ҷавонӣ,
Ба сар хӯрдам, кунун устод гаштам,
Намудам аҳд: як умре ба одам
Вафодорӣ кунам, ёрӣ намоям,
Зи пойафтодагонро даст гирам.
Ба рӯҳафтода дилдорӣ намоям.
Зи тақдири ту ман огоҳ будам,
Аз ин рӯ чорае ҷустам бароят,
Барои дарду аз баҳри давоят —
Ана ин нӯшдоруи муҳаббат.
Ки ин оби сияҳ эъҷоз дорад,
Бигиру дар лаби чоҳи пуробе
Пагоҳӣ то ба фарьёди хурӯсон
Бишӯ рӯят ба он оби гулобӣ.
Сипас як қатра аз ин нӯши ҷон кун,
Машав тарсон, макун асло гумоне,
Нигаҳ асло макун, гар аз қафоят
Навое бишнавӣ, ё ки фиғоне;
Бирав тозон ба он ҷое, ки ёрат
Видоъгӯён гирифта дар канорат.
Миёни осмон дар ин дақиқа

Ба ханда моҳи тобон мебарояд,—
Бинӯш аз нав, агар ёрат наояд,
Бинӯш охир, ки ояд муддаоят.
Ба нӯши аввалин, эй ҷони ширин,
Ту аз нав духтари хушрӯй гардӣ,
Ба сонӣ аз миёни дашт ояд
Садои пои аспу зарби қамчин.
Агар бошад саломат меҳрубонат,
Ҳамин сония ояд дар бари ту,
Ба сеюм бор... Инашро нагӯям,
Надонӣ то чӣ ояд бар сари ту...
Бирав акнун ҷавониро ту дарёб,
Ки дар дунё бувад чун ганҷи ноёб.

Гирифта «Нӯшдоруи муҳаббат»,
Зи ҷодухона чун тире баромад,
Ба дил гуфто, ки: «Нӯшам ё нанӯшам?»
Ба ёдаш боз шӯи пир омад...
Бирафту рӯй шуст, як қатра нӯшид,
Зи лабҳояш баромад заҳрханде,
Бизад то қатраи охир, ки чун боз
Париду рафт болои баландӣ.
Нишаста гиряҳои зор мекард,

Сурудеро ба ёди ёр мегуфт,
Дилашро бо забон такрор мекард:
«Ту мурғи қуи танҳогард, имрӯз
Ба рӯи мавҷи нилобӣ шино кун.
Сафедори ҷавони ман, калон шав,
Агар мурдем, гоҳе ёди мо кун.
Баланду бовиқору бехазон шав,
Баро аз абрҳои тира боло,
Бигӯ назди худованди таоло,
Биёрад ёраки аз мо ҷудоро.
Сафедори сафеди ман, назар кун,
Ба он сӯи ҳамин баҳри гулобӣ,
Ба он сӯяш ҳама хурсанду шод аст,
Ба ин сӯяш — ғаму ранҷу азобе.
Ба он сӯяш, ба саҳрои калоне
Азизи ман, дили ман сайр дорад,
Ба ин сӯяш дили ман зор нолад,
Ду чашмам гирья дорад, ашк борад.
Бигӯ ӯро, ки аз ҳиҷрони рӯяш
Парешону харобам, мисли мӯям.
Агар ёрам ба сарвақтам наояд,
Барам бар хок ишқу орзуям.
Бигӯ, ки модарам имрӯзу фардо

Танамро зинда андар гӯр монад...
Ба мурдан розиям.
Аммо битарсам,
Ки танҳо модари ранҷур монад.
Кӣ ёрӣ медиҳад ӯро ба кораш?
Кӣ мегардад анису ғамгусораш?..

Сафедорам, ба он соҳил назар кун,
Мабодо, ки бубинӣ ёри моро?
Агар бинӣ, варо аз ман хабар кун,
Расонаш нолаҳои зори моро.
Сафедори сафеди ман, калон шав,
Баланду дилбару кокулфишон шав.
Ту мурғи қуи танҳо, дар шино шав,
Бирав бо меҳрубонам ошно шав!»

Суруди ҷангудози қалби духтар
Бишуд омехта бо нолаи зор,
Чи сеҳре буд?
ӯ дар чашми мардум
Баровард баргу бору шуд сафедор.
Шамоли беқарор аз рӯи беша
Бареяд сайр дар ҳомуну саҳро,

Занад бо шаст ба рӯи сафедор,
Сафедори ғарибӣ зору танҳо,—
Қади болою барги реза дорад,
Сари сабзу тани симин-сафеде,
Миёни дашт истодаст танҳо,
Ба роҳи ёри ҷонаш бо умеде...

*С. 1839, Петербург.*

## БУМИ ШАБГАРД

*Баллада*

Духтари бечорае рӯзи баҳор
Зод тифлашро миёни марғзор.
Худ табиат дод ӯро рангу бор:
Савтро омӯхт з-оби ҷӯйбор.
Баски меховид дар паҳлӯи гул,
Рӯякаш бигрифт ранги рӯи гул.
Мӯи мушкин, мӯи пурчини сараш,
Абрӯвонаш буд моли модараш.
Дар сараш мӯи хитоӣ бофта,
Пеши бар ё пушти сар партофта,
Лобаҳо мекард дар назди худо,
Қ-эй сарои поку даргоҳи сахо,
Баҳри тифлам бахтро бинмо ато!»
Об меовард пеш аз офтоб,
Тифлро мешуст дар оби гулоб.
То пагоҳӣ бар сари гаҳвораāш,
Аллаҳо мегуфт ҳамчун ҷӯи об:

«Хоб кун, ҷонам, азизам,
Ки ба ҷангал ин пагоҳӣ
Нолаи куку шунидам,
Дод аз бахтат гувоҳӣ:
Дар барат сад сол бошам,
Бишканам фармони худро.
Шоҳию кимхоб пӯшам,
Бингарам даврони худро.
То надонам, ғам чӣ бошад,
Хонаам обод гардад,
Ту шавӣ шаҳзодаи ман,
Қоматат шамшод гардад.
Соҳиби ёру бародар,
Соҳиби зан, хонаю дар,—
Ончунон хушрӯй дилбар,
Ончунон хушмӯй духтар,
Ки наояд, ҷони модар,
Моҳ ба рӯяш баробар,
Мавҷ бо мӯяш баробар.
Гар шавад моҳӣ ба дарьё,
Мекашам ӯро зи дарьё.
Гар барояд духтари шоҳ,
Нестам аз шоҳ парво.
Куртаи сабзаш бидӯзам,

Маҳсии сурхаш харам,
Қасри зебояш бисозам,
Ту дурру ӯ гавҳарам...

* * *

Фохта, паррандаи дилбохта,
Ин пагоҳӣ баҳри чӣ ку-ку задӣ?
Ваъда кардӣ тифлро сад сол умр,
Фоли бадро баҳри чӣ некӯ задӣ?
Ҳаст дар дунъё магар он кимиё,
Ки «Саодат, бахт» мегӯем мо,
Аз худи гаҳвора то хоки сиёҳ
Дод мегӯему меҷӯем мо?
Бахт охир гул набошад, ҷонакам,
То биёрад модар аз гулзорҳо,
Қисмату озодӣ охир мол нест,
То харад бечора аз бозорҳо!
Бахти чӣ?
Дар ҳар қадам
дар ҳар нафас
Номуродию мусибат ёри мост,
Сарвати мардум ҳамин як мол шуд,
Аз фалокат гармии бозори мост!
Меҳри модар тифлро мепарварид,—
Дар баҳорон гул парастад офтоб.

Тифл месабзид... ногаҳ шуд хазон
Сарпаноҳу соябони хонадон.
Аз паи мотам расид ранҷу азоб,
Кӯдаки бедасту пое шуд ятим,
Монд бева модари барнои ӯ,
Оқибат ғамхона шуд маъвои ӯ.
Рафт рӯзе хонаи ҳамсоягон,
То биҷӯяд чораи ин корро;
Маслиҳат доданд: «Хизматгор шав»,—
Хуш даво доданд ғамбеморро...
Буду нобудаш замоне сарф шуд,
Як пагоҳӣ хонаро монду бирафт.
Дар ҳақи арвоҳи шӯи мурдааш
Як дуое зери лаб хонду бирафт.
Рафт, дар як хона хизматгор буд,
Рӯзу шаб ҷунбида, аз баҳри либос,
Аз барои музди хониш кор кард,
«Бачаям хонад» муродаш буду бас...

* * *

Дод аз дасти ту, «э бахти сиёҳ,
Ҳамсари маҷбурии бечорагон!

Дар кучой, ки намебинам туро.
Ёвари шодиву бахти одамон?
Баҳри доро то сари кӯҳи баланд
Бо тамаллуқ мебарорӣ обро,
Қамбағал дар зери дарьё ташна аст,
Додай бар ӯ дили зардобро.
Баччаи доро чу беди сарбаланд
Дар миёни беша чавлон мекунад,
Баччаи нодор дар саҳро чу хас,
Нолаҳо аз дасти бӯрон мекунад!

Бахт рӯзе чониби ӯ ханда кард,
Баччаи бечораи ӯ шуд калон:
Сураташ — зеботар аз расми бутон,
Дар саводу зеҳн — худ оби равон.
Беваи бечора акнун шод буд,
Шуд дами беғам насиби нотавон,
Дастпӯшак бофта бо сад умед,
Ишқбозони висолаш — духтарон.
Духтари олимақоме зор шуд,
Бар қаду болои ӯ хушдор шуд,
Рӯймоли шоҳиро бекора дӯхт,
Дар ҳақи як бӯса он бечора сӯхт.
Лек бадбахтӣ расид аз сӯи баҳр,

Аз миёни ҷангалу саҳро гузашт,
Ӯ ҷавононро ба по занҷир зад [1],
Нолаю фарьёд аз дуньё гузашт.
Аз раҳи дуру дарозе қофила
Ҷониби шаҳре хурӯшон меравад,
Беваи бечора байни модарон
Синабирьён, чашмгирьён меравад.
Вақти дамгирӣ ба шабҳои сиёҳ
Ҳар қадам як посбон бедор буд,
Модар аз фарзанд мехобад ҷудо,
Аз фиғон саҳро — худи бозор буд.

Қабулгоҳаст мисли рӯзи маҳшар;
Тарошиданд сарҳоро чу сарбоз,
Ки фарзандони давлатманд аксар
Ҳама пасту заифанд, лек пурноз.
Якеро модараш маслуқ зодаст,
Дигар пушту паноҳи зӯр дорад,
Ба сеюм як ваҷаб қад дода яздон,
Чаҳорӯм мол дорад, пул дорад.

---

[1] Дар ҳуқуқи крепостной ҷавонони ба аскарӣ даъватшударо занҷирбанд мекарданд ва он вақт хизмати ҳарбӣ 25 сол буд.

Ҳама хона ба хона богзаштанд,
Ки дуньёдорҳоро бахт ёр аст.
Яке фарзанд буд аз модари зор,
Ки он ҳам аскарӣ мерафт ночор.

* * *

Хонаи фарзандро бигзошта,
Боз ӯ дар ҷустуҷӯи кор шуд.
Оқибат дар ҳавлии пури яҳуд
Кампири овора хизматгор шуд.
Пораи ноне ба ӯ партофта,
Дигарон аз ӯ ҳама рӯ тофтанд,
Ки «Зи дасти ӯ наояд ҳеҷ кор,
Пиру бемор аст, зору бемадор»...
Ё худовандо, худои меҳрубон,
Нотавонро беҳ, ки н-орӣ бар вуҷуд,
З-он, ки аз дорои мумсик нотавон
Об ҷӯяд, об аз баҳри савоб.
Ҷамъ кард ҳар рӯз як пули сиёҳ,
Номае бинвишт баҳри ёвараш,
Кард роҳӣ сӯи лашкар номаро,
Сӯи фарзандаш, нигаҳбони сараш.
Чанд рӯзе қалби ӯ ором шуд,
Рафт як солу дую даҳ сол рафт,

Монд мактуби дили ӯ беҷавоб.
Соли бисьёре паи ин фол рафт.
Рӯзу шаб ӯ дар сари роҳи калон
Роҳ мепоид бо чашми пуроб,
Лек аз ин кори ӯ суде набуд,
Обро меҷуст аз мавҷи сароб...

* * *

Лек аз фарзанди раҳдураш ҳанӯз
Не ҷавобе ҳаст, не хатту хабар...
Дар шаби торе шамоли тунду тез,
Буттаҳоро мекунад зеру забар.
Бегаҳӣ боди сабуксайри баҳор
Дар найистон гӯӣ бозӣ мекунад.
Духтарак дар интизори ёри худ;
Бод гӯё найнавозӣ мекунад.
Гоҳ ларзонад қади гулбуттаро,
Духтарак гирьён ба зери буттаҳо.
Зор менолад ба ҳавлӣ модараш,
Ашк н-орад дарди ҳиҷронро даво!
Духтарак мехонд аз ишқи ҷавон —
Булбули шӯрида айёми сабо.
Модари бечора менолад саҳар,
Лобаҳо дорад ба даргоҳи худо.

Ҳам дуо мекард ҳам оҳу фиғон,
Карда лаънатҳо ба аҳли ин ҷаҳон.
Дод, аз фарзандҳои шӯрбахт!
Қ-аз шумо тор аст рӯзи модарон!

* * *

Даст сӯи осмон бардошта,
Шикваи бисьёр аз тақдир кард.
Писарашро ҷеғ мезад, ки «биё»!
Оқибат ӯро ҷудой пир кард.
Рӯзу шаб пурсида аз ҳар раҳгузар,
Ки магар фарзанди ӯро дидаанд»?
Ҷумлагӣ медод ӯро як ҷавоб:
«Номи ӯро ҳеҷ гаҳ нашнидаанд»...
Модар акнун ҳайкали беҷон бувад,
Ку фиғон? Дар синааш оҳе намонд,
Ҳамчу абри навбаҳорон гирья кард,
Гирья ку? Дар дидааш обе намонд!
Пайкари ӯ ҳайкали ғам гаштааст!
Сангро дар сина мегирад, бубин,
Гоҳ тундӣ, гаҳ навозиш мекунад,
Сангро фарзанд медонад яқин.
Ё сурудеро тараннум мекунад,
Ё фиғон аз қисмати шум мекунад:

«Мори сиёҳ хона сӯхт,
Бар бачаҳо каша пухт.
Чодари гулгун кашид,
Селаи мурғон парид,
Мурғобиёни қатор,
Яку дую сею чор.
Мепарад рӯ-рӯи об.
Дар сари қӯрғон уқоб —
Шоми сиёҳ пар занад,
Чашми казакро канад,
Духтаре бо чашми чор
Ҳаст ба вай интизор».

* * *

Рӯзҳо аз хонаи ҳамсоягон
Ҷамъ меовард ӯ чӯбу сафол,
Зери лаб мегуфт: «Як тӯи калон —
Мекунам бо духтари соҳибҷамол».
Лек шабҳо бо фиғону бе фиғон,
Дил-парешон, мӯ-парешон меравад,
Меравад, ӯ гоҳ мехонад суруд,
Бе сару сомону ҳайрон меравад.
Одамон буданд аз ин дар ғазаб,
Ки барад аз чашми онҳо хобро,

Мекунад помол шабҳои дароз
Ӯ чӣ гулҳои тару ноёбро.
Кӯдакони шӯхи бесар ҳар пагоҳ
Кампири бечораро сур мекунанд,
«Буми шабгард, буми шабгард, рӯз
шуд»,
Гуфтаю ӯро тамасхур мекунанд.

*6 маи с. 1844, Петербург.*

# МУНДАРИЧА

## ШЕЪРҲО

Васият. *Тарҷимаи М. Турсунзода* . . . . . . . 5
Сарнавишти мо. *Тарҷимаи М. Миршакар* . . . 6
Хайр, эй Қӯсарал. *Тарҷимаи А. Деҳотӣ* . . . . 7
Ба Марьяни наврас. *Тарҷимаи М. Раҳимӣ* . . . 9
Ман ҳам дар кишвари бегона расидаам. *Тарҷимаи. Ҳ. Юсуфӣ* . . . . . . . . . . . . . 11
Савсан. *Тарҷимаи. Ҷ. Суҳайлӣ* . . . . . . . 14
Ба куҷо, одамони хуб, шумо? *Тарҷимаи Ҷ. Суҳайлӣ* . . . . . . . . . . . . . . . . . 18
Зиндагӣ кардан ба ман омад гарон. *Тарҷимаи М. Аминзода* . . . . . . . . . . . . 19
Эй азизам, дӯстам. *Тарҷимаи М. Аминзода* . . 21
Ба Гоголь. *Тарҷимаи М. Қаноат* . . . . . . . . 25
Баргузашт умри шабобу... *Тарҷимаи Қ. Қутбӣ* . . 27
Аз бахри чӣ... *Тарҷимаи К. Кутбӣ* . . . . . . . 28
Рӯзҳо бигзаранду... *Тарҷимаи Ҷ. Суҳайлӣ* . . . 29
Назди кулба... *Тарҷимаи Ҷ. Суҳайлӣ* . . . . . 31
Гаҳ на боди сахт. *Тарҷимаи А. Аслам* . . . . 32
Шӯру афғон... *Тарҷимаи А. Аслам* . . . . . . . 33
Чигрине, чигрине! *Тарҷимаи Ҷ. Суҳайлӣ* . . . . 34
Рост мегӯям... *Тарҷимаи Ҷ. Суҳайлӣ* . . . . . . 38

Гӯри кофташуда. *Тарҷимаи Ҷ. Суҳайлӣ* . . . . . 40
Абрувони сиёҳу... *Тарҷимаи Ҷ. Суҳайлӣ* . . . . 43
Духтари ғарқшуда (қисса). *Тарҷимаи Ҷ. Суҳайлӣ*. 46

## ДОСТОНҲО

Қатерина. *Тарҷимаи М. Қаноат* . . . . . . . . . 59
Чӯрӣ. *Тарҷимаи А. Аслам* . . . . . . . . . . . 90
Сафедор (баллада). *Тарҷимаи М. Қаноат* . . . . 116
Буми шабгард (баллада). *Тарҷимаи М. Қаноат*. . 127

*Тарас Григорьевич Шевченко*

**ЖЕМЧУЖИНА БОЛЬШОЙ РЕКИ**

**Стихи и поэмы**

(на таджикском языке)

Муҳаррир **М. ФАРҲАТ**
Муҳаррири расмҳо **Т. КОРОЛЁВА**
Муҳаррири техникӣ **Л. ВЫДРИНА**
Мусаҳҳеҳ **Р. КАМОЛОВ**

* * *

Ба матбаа 8/II-1964 супурда шуд, Ба чопаш 24/II-1964 имзо карда шуд. Коғаз $84 \times 108^1/_{64}$. Ҷузъи чопӣ 2,187. Ҷузъи чопии шартӣ 3,67. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 3,85. Адади нашр 3000. Нархаш 19 тин. Супориши № 2532.

* * *

Душанбе, Комбинати полиграфии Комитети Давлатии Совети Вазирони РСС Тоҷикистон оид ба матбуот.

КН=1486

ДМШ
№ 592


НАШРИЁТИ
ДАВЛАТИИ
ТОҶИКИСТОН